german
cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Нашркунанда:
giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

# Роҳнамои таҷрибаомӯз

## Ташкилоти идоракунии фонди шикор чӣ гуна бояд фаъолият кунад ва шикори ҳайвоноти ваҳшӣ барои мизоҷони байналмилалӣ чӣ гуна бояд ба роҳ монда шавад

Чопи дуввуми ислоҳшуда












УДК

ББК

**Ташкилоти идоракунии фонди шикор чӣ гуна бояд фаъолият кунад ва шикори ҳайвоноти ваҳшӣ барои мизоҷони хориҷӣ чӣ гуна бояд ба роҳ монда шавад:**
**Роҳнамои таҷрибаомӯз**

РСБК

Чопи нави ислоҳшудаи Роҳнамои таҷрибаомуз маълумоти навро оид ба нуқтаҳои асосии идоракунии ҳайвоноти Шикорӣ ва ташкили сафарҳои шикорӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои қонунии онро дар бар мегирад. Роҳнамои мазкур инчунин таҷрибаҳои муваффақи ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба идоракунии устувори ҳайвоноти ваҳшӣ, асосан Созмони байналмилалии Олмон оид ба ҳамкориро (GIZ) дар бар мегирад.

Роҳнамои мазкур дар доираи барномаи минтақавии “Истифодаи устувори замин бо назардошти тағйирёбии иқлим барои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ”, ки аз тарафи Созмони байналмилалии Олмон оид ба ҳамкорӣ аз номи Вазорати федералии Олмон барои ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ амалӣ мегардад. Мӯҳтавои ин нашрия дар равшании натиҷаҳои мизи гирди байналмилалӣ оид ба “Истифодаи устувор ва ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ дар Тоҷикистон”, ки дар санаи 2 ва 3 юми ноябри 2016 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз нав карда шудааст.

# Мундариҷа

Муқаддима . . . . . . . . . . 4

Қисмати 1. Оғоз кардан . . . . . . . . . . 5

1.1. Муайян кардани шикоргоҳ . . . . . . . . . . 6
1.2. Таъсис додани ташкилот оид ба идоракунии фонди шикор . . . . . . . . . . 6
1.3. Ташкили гурӯҳ . . . . . . . . . . 9
1.4. Дархости пешниҳод барои шикоргоҳ . . . . . . . . . . 9
1.5. Гирифтани иҷозатнома барои идоракунии ҳайвоноте, ки дар Китоби сурхбақайд гирифта шудаанд . . 11
1.6. Андозҳое, ки бояд пардохт карда шаванд . . . . . . . . . . 11

Қисмати 2. Идоракунии шикоргоҳ . . . . . . . . . . 12

2.1. Шумо дар бораи шикоргоҳатон чиро бояд донед . . . . . . . . . . 12
2.2. Ҳадафҳои шумо аз идоракунии шикоргоҳ дар чӣ аст . . . . . . . . . . 13
2.3. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо кадом чораҳоро бояд андешид . . . . . . . . . . 14
2.4. Нақшаи идоракунӣ чӣ хел навишта мешавад . . . . . . . . . . 21
2.5. Нақшаи кории солона . . . . . . . . . . 23
2.6. Оид ба фаъолиятҳои худ чӣ гуна ба мақомоти давлатӣ ҳисобот пешниҳод мекунед . . . . . . . . . . 24

Қисмати 3. Пеш бурдани фаъолият . . . . . . . . . . 26

3.1. Хароҷоти худро чӣ гуна ҳисоб мекунед . . . . . . . . . . 26
3.2. Квота ва роҳхат барои шикорро чӣ гуна бояд дарёфт кард . . . . . . . . . . 29
3.3. Миҷзоҷонро чӣ гуна бояд ҷалб намуд? . . . . . . . . . . 29
3.4. Корҳое, ки пеш аз расидани мизоҷатон(он) бояд анҷом диҳед . . . . . . . . . . 32
3.5. Корҳое, ки пас аз расидани мизоҷатон(он) бояд анҷом диҳед . . . . . . . . . . 36
3.6. Гузаронидани шикор . . . . . . . . . . 37
3.7. Пас аз шикори бомуваффақият . . . . . . . . . . 39

Қисмати 4. Экотуризм . . . . . . . . . . 44

Замимаҳо . . . . . . . . . . 47

Замимаи 1. Рӯйхати маълумоти муҳим барои тамос ва манбаҳои интернетӣ . . . . . . . . . . 47
Замимаи 2. [On a CD] Намунаи варақаҳои муҳим ва ҳуҷҷатҳо . . . . . . . . . . 48
Замимаи 3. Қатъномаи мизи гирд оид ба истифодаи устувор ва муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ дар Тоҷикистон (2- 3 ноябри 2016, Душанбе, Тоҷикистон) . . . . . . . . . . 50

# Муқаддима

Ин роҳнамо барои ҷомеаҳо ё дар умум мардумон дар минтақаҳои деҳот, ки ба ҳимоя ва ҳифзи фонди шикор машғуланд ва дар айни замон тавассути ташкил намудан фаъолият аз тариқи шикори ҳайвоноти шикорӣ барои мизоҷони байналмилалӣ суд ҳосил мекунанд дар назар гирифта шудааст. Он намуди ҳайвоноте, ки аз тарафи шикорчиёни байналмилалӣ дар Тоҷикистон мавриди шикор қарор мегиранд асосан ба таври зайл мебошанд: гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло) (*Ovis ammon polii*), морхӯр (*Capra falconeri heptneri*), гӯсфанди кӯҳии бухороӣ (уриал) (*Ovis vignei*), бузи кӯҳи сибирӣ (*Capra ibex sibirica*) ва хуки ваҳшӣ (*Sus scrofa*). Инчунин хирси бӯр (*Ursus arctos isabellinus*) ва гург (*Canis lupus lupus*) мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегиранд. Илова ба ҷалби шикорчиён, фонди солими ҳайвоноти ваҳшӣ инчунин метавонад дар минтақа экотуризмро рушд диҳад.

Шумо бояд огоҳ бошед, ки он маблағҳои зиёде аз тарафи сайёҳони шикорчӣ барои як гусфанди кӯҳӣ (Марко Поло) ё бузи кӯҳии сибирӣ пардохт карда мешавад тавре парешонкунанда буда, фоидаи воқеиеро, ки бояд ҳосил гардад нишон намедиҳанд. Барои идоракунии шикоргоҳ шумо бояд масъулиятҳои зиёдеро ба дӯш гирифта, дар инфрасохтор (почтаҳо, меҳмонсаройҳо, таҶҳизот) ва дар фаъолиятҳои вобаста ба ҳифзи фонди шикор сармоягузорӣ намоед. Пеш аз он ки мизоҷи аввалини худро қабул кунед ин кор шояд солҳои сахту тулонӣ ва кори бемуздро ҳамроҳ дошта бошад. Гузаронидани шикор худаш кори каме мушкил ва пурқиммат мебошад зеро ба шумо лозим аст то ҳуҷҷатҳои гуногун, иҷозатномаҳо, нақлиёт, манзил, тарҷумон ва ғайраро таҳия ва таъмин намоед.

Агар ҳадафи шумо ҳосил намудани фоида дар кӯтоҳмуддат бошад ба шумо лозим аст, ки самти фаъолияти дигареро пеш гиред. Идоракунии фонди захираи шикор дар он ҳолат даромад хоҳад дод, агар шумо дар заминаи он дар дарозмуддат фаъолият намоед. Ӯҳдадориҳои қатъӣ барои ҳимоя ва ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ ва некуаҳволии мардуми деҳот барои муваффақияти шумо ба таври баробар муҳим мебошанд, зеро ин фаҳмиши асосӣ оид ба мудирияти тиҷорат ва маҳоратҳои идоракунӣ мебошад. Хуб мешуд аъзои ҷомеа якҷоя барои идора кардани ҳайвоноти ваҳшӣ дар заминҳое, ки онро истифода мебаранд як ташкилоти ғайритиҷоратӣ ташкил кунанд.

Агар шумо ҳамаи инро дар хотир нигоҳ доред, шумо метавонед барои ҷомеаи худ баъзе даромад ва фоида ба даст оварда ва дар айни замон бовар ҳосил мекунед вақте фарзандони шумо ва наслҳо бузург шуда ҳайвоноти ваҳшии ҷолибро, ки озодона дар доманакӯҳи болои деҳаатон сайр мекунанд, мушоҳида менамоянд.

Бо мақсади ташкил кардани шикори ҳайвоноти шикорӣ шумо бояд масоҳати бузурги кофӣ ва захираҳои инсонӣ дошта бошед. Ин чунин маъно дорад, ки шумо чораҳои муносиби ҳифзи намуди ҳайвоноти шикоршаванда хусусан ва ҳайвонотро умуман таъмин намоед. Чи гуна анҷом додан ин кор ва бо кадом равиши устувор идора кардани шикоргоҳатон дар қисмати 2 ин роҳнамо шарҳ дода мешавад. Пас аз он тамоми қадамҳои зарурӣ барои воқеан гузаронидани шикори ҳайвоноти шикорӣ (ва инчунин сайёҳӣ ғайр аз шикор) қайд ва шарҳ дода мешавад. Баъзе аз намуди ҳайвоноти ваҳшӣ ба мисли гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло) ва гусфанди куҳии бухороӣ(уриал) ва морхӯр дар Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳти таҳдиди нобудшавӣ/хавфи нобудшавӣ қарор доранд бақайд гирифта шудаанд. Ин чунин маъни дорад, ки ҳарсола танҳо миқдори маҳдуди иҷозатномаҳо барои шикори он ҳайвоноти дар боло зикршуда дода мешавад. Тартиботи дарёфт кардани иҷозатномаҳо ва иҷозатномаҳо барои содироти маҳсулоти ҳайвони шикорӣ ба хориҷ аз кишвар барои он намуди ҳайвоноти мазкур аз он намуди ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх(Қисмати 3) қайд нашудаанд, фарқ мекунад. Аммо якум ба шумо лозим аст, ки ташкилоти худро ташкил намуда, бояд ба қайд гирифта шавад ва сипас барои муайян кардани шикоргоҳ дархост пешниҳод намоед. Чи тавр анҷом додани ин тартиботро шумо метавонед дар Қисмати 1 пайдо намоед. Албатта чунин як китобчаи хурд ба мисли ин роҳнамои мазкур метавонад танҳо ҷанбаҳои муҳим ва чораҳои лозими идоракунии фонди шикор ва шикори ҳайвоноти шикориро пешниҳод ва баён намояд. Инчунин дар ёд дошта бошед, ки қонунгузорӣ, тартиботи маъмурӣ, масъулиятҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ба таври доимӣ дар ҷараёни ислоҳкунӣ мавриди тағйир қарор мегиранд. Барои маълумоти бештар ва маълумоти нав шумо бояд бо мақомоти масъул ва ташкилотҳо дар тамос шуда, кӯшиш ба харҷ диҳед то гурӯҳои таҷрибадори идоракунандаи ҳайвоноти ваҳшӣ, ки алакай дар сатҳи маҳалҳо арзи вуҷуд доранд аз наздик ҳамкорӣ намоед.

# Қисмати 1

## Оғоз кардан:

Пеш аз он ки шумо ягон қадамҳои расмиро барои шурӯъ кардани фаъолияти идоракунии фонди шикор анҷом диҳед дар бораи имкониятҳо ва инчунин мушкилоти (чолишҳо) ин намуди фаъолият фикр кунед.

**Имкониятҳо:**

- Ҳифз ва барқароркунии захираҳои ҳайвоноти ваҳшии нодир
- Ба даст овардани як миқдор даромад тавассути шикори ҳайвоноти ваҳшӣ
- Ҷамоати шумо 40% маблағи аз иҷозатномаи шикори ҳайвонот ба дастомадаро дарёфт мекунад
- Ҳосил кардани даромади иловагӣ аз сайёҳони экотуризм, ки аз минтақаи шумо боз директ диданд

**Мушкилот (чолишҳо):**

- Тартиботи мураккаби маъмурӣ барои ҷудо кардани шикоргоҳ, судури иҷозатномаҳо
- Дар мудирияти ташкилот, идоракуни ҳайвоноти ваҳшӣ ва бозорёбӣ таҷрибаҳои хуб лозим аст
- Сармоягузории зиёд махсусан дар робита ба вақти корӣ ва даромади тавақӯъдошта танҳо пас аз якчанд сол
- Фаъолиятҳои истифодабарандагони дигар захираҳо ва истифодабарандагони замин шояд ба амалиёти шумо халал расонанд, дар ҳоле, ки ба шумо танҳо ҳуқуқи идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ дода шуда аст ва на замин ва захираҳои онро
- Рақобати шадид бо дигар ташкилотҳои тиҷоратии ташкилшуда вобаста ба шикор

Агар мушкилоти дар боло зикршуда шуморо натарсонида бошанд - биёед акнун ҷанбаҳои расмии амалиёти индоракунии фонди шикорро идома медиҳем.

Вобаста аз таркиб ва ҳаҷми гурӯҳи шумо (мардум аз як деҳа ё оила ё гурҳе иборат аз шахсони инфиродӣ, ки дар захираҳо манфиати муштарак доранд) ду шакли асосии қонунии ташкилоти муносиб барои идоракунии шикоргоҳ вуҷуд дорад, ки онҳо ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ (ТҒД) ё Ширкати тиҷоратии масъулияти маҳдуд (ШММ) мебошанд. Шакли дигари он метавонад иттиҳодияи муштарак(кооператив) бошад.

Ин омилҳо инчунин метавонанд дар интихоби ҳаҷм ва ҳудуди минтақае, ки шумо дар нақша доред онро идора кунед таъсир расонанд.

## 1.1. Муайнкунии шикоргоҳ

Он минтақаеро, ки шумо дар нақша доред ҳамчуни шикоргоҳ идора намоед бояд ба критерияҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- бояд дастрас бошад, яъне аз ҷониби тарафи дигар барои идоракунии фонди шикор даъво нашуда бошад
- он набояд аз деҳаатон (ҳо)дур ҷойгир шуда бошад, чунки ба шумо лозим аст ба таври мунтазам он маҳалро назорат кунед ва бояд бо мардуми маҳалӣ робитаҳи наздикро нигоҳ доред.
- он бояд масоҳати кофиро фаро гирад (талаботи ҳадди ақали масоҳати шикоргоҳ аз намуди ҳайвоноти асосии мавриди ҳадафи шумо, ки дар қонун шарҳ дода шудааст вобаста мебошад)
- он бояд ҳудуди возеҳ ва бо осонӣ муайяншаванда (дарёҳо, кӯҳҳо,...) ва аз рӯи имконият танҳо якчанд роҳҳои дастрасӣ дошта бошад.
- қабул шудани ташкилоти шумо оид ба идоракунии фонди шикор аз тарафи мақомоти маҳаллӣ(ҷамоат, ҳукумати ноҳия) ва истифодабарандагони замин (ба мисли хоҷагии ҷангал, хоҷагиҳои деҳқонӣ ё ашхоси инфиродӣ) имконпазир бошад.

## 1.2. Таъсис додани ташкилоти идоракунии фонди шикор

Яке аз масъалаҳое, ки ҳангоми таъсиси ташкилоти идоракунии фонди шикор ва (шикор) сайёҳӣ он интихоби шакли ҳуқуқии ояндаи ташкилот мебошад. Асосан шумо метавонед як ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис ё як ширкати тиҷоратӣ ташкил диҳед. Интихоби шумо аз ҳадафҳои умумии ташкилоти шумо вобаста мебошад.

### ТҒД / Иттиҳодияи ҷамъиятӣ (ИҶ):

Барои бақайд гирифтани як ИҶ ба шумо ҳадди ақал се узви таъсисдиҳанда лозим мебошад.Ҷараёни бақайдгирӣ ҳамчун ТҒД каме мушкилтар мебошад, аммо шумо метавонед аз ТҒД ташкилшудаи вобаста ба идоракунии фонди шикор маслиҳат пурсед.

Ба шумо лозим аст, ки он касонеро, ки дар деҳаатон (ҳо) барои иштирок дар фаъолиятҳои якҷояи барои ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ дар ҳудуди интихобшуда таваҷҷуҳ дошта бошанд ҷамъ карда, маҷлиси таъсисиро гузаронида ва **суратмаҷлиси маҷлиси таъсисиро** таҳия намоед. Дар маҷлиси мазкур шумо бояд оинномаи ташкилоти худро тартиб диҳед. Агар шумо ин ҳуҷҷатҳоро худатон омода карда натавонед, бояд аз каси дигаре хоҳиш намоед то онҳоро барои шумо таҳия кунад! Намунаи оинномаҳо ва суратмаҷлисҳоро метавон бо осонӣ аз ТҒД маҳалии мавҷудбудаи оид ба идоракунии фонди шикор ва ташкилотҳои ҳифзи табиат, ки онро дастгирӣ менамоянд пайдо кард!

Шумо инчунин барои осонтар намудани ҷараёни бақайдгирӣ бояд аз мақомоти ҳуқумати ноҳия мактуби тасдиққунанда дарёфт намоед.

Шумо инчунин бояд:

- дар як варақа барои ҳамчун ТҒД қайд шудан дархост нависед
- маблағи расмӣ барои бақайдгириро дар яке аз шӯъбаҳои Амонатбонк пардохт намоед (дар айни замон барои фаъолиятҳо дар сатҳи маҳал 200 сомонӣ ва фаъолиятҳо дар сатҳи кишвар 400 сомониро ташкил медиҳад)
- тамоми ин ҳуҷҷатҳоро бо иловаи нусхаи шиносномаи тамоми муассисон ба вазорати адлия дар шаҳри Душанбе ё раёсатҳои вилоятии вазорати адлия пешниҳод кунед
- як мӯҳри расмӣ барои ташкилоти худ таҳия намоед. Барои анҷом додани ин кор ба шумо лозим аст, ки аз вазорати умури дохилӣё раёсати он дар вилоят иҷозат гиред. Он тақрибан 50-60 сомониро ташкил медиҳад.

Пас аз бақайдгирӣ дар вазорати адлия ё раёсатҳои вилоятии он, шумо бояд дар дигар мақомот сабт шавед.

- Кумитаи омор барои рамзҳо (120 TJS)
- Кумитаи андоз (барои гирифтани рақами мушаххаси андозсупорандаи худ (РМА)
- Оҷонсии ҳифзи иҷтимоӣ

Пас аз он ки қадамҳои дар боло зикршуда анҷом дода шуданд ба шумо лозим аст, ки бо номи ташкилот суратҳисоби бонкӣ кушоед.

**Бартариҳо:**

- Шумо бо осонӣ метавонед мардуми бисёрро, ки дар як ҷомеа зиндагӣ мекунанд барои ба дастовардани ҳадафҳои муштарак ҷалб намоед.
- Ташкилоти шумо қарорҳои асосии одилона пешниҳод намуда ва иштироки тамоми аъзоро иҷозат медиҳад.
- Азбакси ташкилоти шумо ба эҷоди на даромадҳои инфиродӣбалки фоидаҳои умумӣ равона шудааст, шумо метавоед аъзо ва мардумони дигари деҳаро сафарбар намоед то барои дар кори ихтиёрӣсаҳм гузошта, фаъолияти худро дар заминаи ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ бо дигар фаъолиятҳо якҷо намоянд.
- Агар ташкилоти шумо дар ҷомеа дуруст ташкил шуда бошад ва аз фаъолиятщои вобаста ба манфиатҳои умумиӣ дастгирӣ намояд, аксари мардуми деҳа кори шуморо дастгирӣ намуда ва аз қонуншикании аъзои ҷомеа ва бегонагон пешгирӣ хоҳанд кард.
- Шумо метавонед грантҳо дарёфт намоед.
- Шумо метавонед фоидаҳоро дар шакли музди меҳнат барои корҳои муҳофизат ва мақсадҳои ташкилот барои рушди маҳал истифода баред.
- Ба шумо ба ҳадди ақали сармояи аввалия лозим намебошад.

**Камбудиҳо:**

- Вазорати адлия ва ё раёсати вазорати адлия дар вилоят тамоми фаъолиятҳои шуморо назорат намуда ва ба танзим медарорад ва шумо бояд ба таври мунтазам ҳисобот пешниҳод кунед. Онҳо оинномаи шуморо бодиққат омӯхта ва баррасӣ мекунанд бинобар ин ба шумо лозим аст, ки ҳама чизро бисёр хуб ва пурра омода намоед.
- Шумо бояд нишон диҳед, ки даромади худро танҳо барои расидан ба мақсадҳои ташкилоти худ истифода мекунед ва наметавонед.
- Агар шумо мехоҳед, ки оинномаи худро тағйир диҳед – барои мисол агар самтҳои нави фаъолиятро илова кунед – ба шумо асосан лозим меояд, ки аз нав бақайд гирифта ва дубора тамоми ҷараёни бақайдгириро аз нав тай кунед.

## Ширкати масъулияти маҳдуд (ШММ):

Чараёни бақайдгирӣ барои ширкатҳои масъулияти маҳдуд хеле осонтар аст. Шумораи ҳадди ақали муассисон як нафар мебошад. Оиннома бояд таҳия карда шавад, аммо он ҳуҷҷати дохилӣ мебошад, ки дар чараёни бақайдгирӣ зарур нест нишод дода шавад. Ин гузина барои фаъолияти оилавӣ муносиб мебошад.

Ба шумо лозим аст то

- варақаи дархости дуруст пур кардашударо ба кумитаи андоз пешниҳод кунед. Аз онҷо шумо ҳуҷҷатҳои лозимаро дарёфт хоҳед кард (рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) коди оморӣ ва рақами иҷтимоӣ (РИС)).
- Нусхаҳои шиносномаи муассисонро пешниҳод кунед.
- Шартнома оид ба иҷораи дафтарро нишон диҳед.
- Суратмаҷлиси таъсисиро таҳия кунед.
- Маблағи лозимро дар Амонатбонк пардорахт намоед (дар айни замо тақрибан 1000 + 80 сомонӣ)
- **Мӯҳри расмиро** омода кунед. Барои анҷом додани ин кор аввал ба шумо лозим аст аз вазорати корҳои дохилӣ иҷозат гиред. Арзиши он тақрибан 50 -60 сомониро ташкил медиҳад.
- Нишон диҳед, ки шумо сармояи ҳадди ақали аввалияро дар давоми як соли бақайдгирӣ доред (дар айни замон он 500 сомониро ташкил медиҳад).

### Бартариҳо

- чараёни осони бақайдгирӣ.
- шумо метавонед тамоми намуди фаъолиятҳои тиҷоратиро ба роҳ монед.
- барои фаъолиятҳои махсус ҳосил кардани иҷозатнома осон аст (ба мисли фаъолиятҳои сайёҳӣ).
- шумо метавонед қарзҳои хурд дарёфт кунед.

### Камбудиҳо

- ШММ ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки ба манфиати тиҷоратии муассис(ҳо), аммо на ба манфиати бештари мардуми маҳал, ки худро аз мудирияти фонди шикор хориҷэҳсос мекунанд хизмат мекунад.
- Он бисёре аз мардуми деҳаро(ҳо) дар бар намегирад вале аз тарафи як ё якчанд шахс ташкил карда шудааст.
- Имонияти иштирок дар қабули қарорро фароҳам намеоварад.
- Бо сабабе, ки хусусияти тиҷоратӣдорад, сафарбар кардани дастгирии ихтиёрӣ душвор хоҳад буд.
- Дар бисёр ҳолатҳо ҳосил кардани даромади кофӣ барои пардохти кори муҳофизон мушкил хоҳад буд.
- Тасаввури ин ки, шумо пули зиёд ба даст меоваред ба мардум иҷозат медиҳад то нисбати қонуншиканиҳо бетараф бошанд то он даме, ки ширкати шумо натавонад барои рушди ҷомеа дастгирии назаррас пешниҳод кунад.
- шумо наметавонед грантҳо дарёфт намоед!

## 1.3. Ташкили гурӯҳ / Таъсиси маҷлиси умумӣ / шӯрои директорон (мудирият)

Барои ТҒД (ИҶ) талаботи ҳадди ақал иборат аст аз:

- маҷлиси умумӣ
- раис (директор)
- муҳосиб

Дар оинномаи худ шумо бояд масъулиятҳои маҷлиси умумӣ ва директорро баён кунед. Шумо метавонед ихтиёран раёсати ташкилотро таъсис диҳед, ки ҳадди ақал аз се нафар иборат мебошад.

Барои ширкатҳои масъулияти маҳдуд (ШММ) талабот ҳадди ақали иборат аст аз:

- маҷлиси умумӣ
- директор **ё** шӯрои директорон
- аудитор **ё** (дар сурати бештар аз 15 узв доштани ташкилоти шумо) коммиссии аудит
- муҳосиб

Масъулиятҳои вобаста ба вазифаҳои дар боло зикршуда аз тарафи қонун муайян гардидааст.

## 1.4. Барои шикоргоҳ чӣ гуна дархост пешниҳод мегардад

Заминаи қонунӣ барои фаъолиятҳои вобаста ба идоракунии фонди шикор **Шартнома оид ба ҷудо кардани шикоргоҳ** мебошад, ки бояд онро бо Агентии хоҷагии ҷангал бубандед.

- Ҳуқуқ барои идоракунии шикоргоҳ танҳо ба олами ҳайвоноте, ки дар дохили ҳудуди муайян вуҷуд доранд вобаста буда ба худи замин вобаста намебошад – ва шояд дар онҷо соҳибони дигари замин вуҷуд дошта бошанд ба мисли хоҷагии ҷангал, ки ҷангалҳоро идора мекунад ё мардуми маҳалӣ, ки аз чарогоҳ бо ҳуқуқи пурра истифода мекунанд.
- Дар сурате агар шумо бихоҳед, ки танҳо шахсе ё ташкилоте бошед, ки аз макон ва тамоми захираҳо аз ҷумла ҷангалҳо ва чарогоҳҳоро истифода барад, бояд ба ҳукумати маҳалӣ барои серификати замин дархост пешниҳо намоед. Сертификати замин ба ҳар ҳол ба шумо ҳаққи истифодаи ҳайвоноти ваҳширо дар он макон намедиҳад.
- Ҳуқуқ барои шикоргоҳ дар асоси озмун дода мешавад..
- Шартнома дар аввал ба мӯҳлати 10 сол баста мешавад. Онро метавон барои мӯҳлати нав баст (то 20 сол).

## Ҷараёни пешниҳоди дархост

- Агар барои шикоргоҳе, ки барои он таваҷҷӯҳ зоҳир намудед дар рӯзнома озмун эълон карда шавад бояд мувофиқи тартиби дар эълон зикршуда дархост пешниҳод намоед.
- Агар ҳеч озмун эълон нагардад, ба шумо лозим аст, ки ба сардори раёсати шикори Агентии хоҷагии ҷангал **мактуби алоқамандӣ** навишта нусхаи онро ба ҳукумати маҳаллӣ пешниҳод намоед. Шумо метавонед мактубро ба дафтари Агентии хоҷагии ҷангал дар Душанбе ё дар дафтари наздиктарини Агентии хоҷагии ҷангал супоред. Агентии хоҷагии ҷангали маҳаллӣ дархости шуморо ба раёсати шикори Агентии хоҷагии ҷангал пешниҳод мекунад, ки он ҳудудро муайян намуда озмун эълон мекунад.
- Шумо бояд нусхаи ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ аз ҷумла сертификат аз вазорати адлия, оинномаи ташкилотат ва рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) онро ба мактуб замима кунед.
- Илова бар ин шумо бояд дидгоҳи стратегии худ оид ба чӣгуна рушд додани шикоргоҳ (Ба Қисми 2 нигаред), маълумотномаи шахсии кормандононро, ки заминаи касбӣ ва таҷрибаи онҳоро нишон медиҳад, рӯйхати таҷҳизоти лозим, зербино ва маблағҳои мавҷудбуда барои идоракунии шикоргоҳро замима намоед.
- Пас аз 4 ҳафта, комиссияи озмун дархостҳоро арзёбӣкарда, метавонад ба шумо саволҳои иловагӣ диҳад ва ё ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намояд.
- Пас аз 7 рӯзи эълон шудани ғолиб Шартнома дар бораи вобаста кардани шикоргоҳ баста мешавад.



## 1.5. Гирифтани иҷозатнома барои идоракунии ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх ба қайд гирифта шудаанд

Агар шумо мехоҳед аз намуди ҳайвоноти дар Китоби сурх қайдшуда истифода баред ба шумо лозим аст барои **иҷозатнома барои идора кардани намуди ҳайвоноти ваҳшии дар Китоби сурх қайдшуда** дархост пешниҳод намоед. Дар айни замон таваҷҷӯҳ ба гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло) ва морхӯр нигаронида шудааст. Иҷозатнома нишон медиҳад, ки ба шумо иҷозат дода шудааст то бо навъи ҳайвоноти дар Китоби сурх қайдшуда кор кунед.Дар таҷрибаи имруза ин иҷозатнома алоҳида дода намешавад, аммо он дар ҳар як иҷозатҳои вақтии барои шикори ҳайвоноти дар Китоби сурх қайдшуда аз табиат илова кард мешавад.

Ҳоло шумо бояд барои иҷозатнома дар Кумитаи ҳифзи муҳити зист дархост пешниҳод кунед. Иҷозатнома дар аввал барои се сол содир карда мешавад ва пас аз он метавонад тамдид карда шавад. Маблағи пардохт барои ҳосил кардани иҷозатнома дар айни замон 2400 сомониро ташкил медиҳад.

Дархости шумо маълумоти зеринро бояд дар бар гирад:

- ном ва шакли ҳуқуқии ташкилоти шумо,
- суроғаи ҳуқуқӣ ва макони шикоргоҳ,
- суратҳисоб, филиали бонк,
- фаъолияти иҷозатдодашуда ва
- мӯҳлате, ки дар он шумо дар нақша доред то фаъолияти муайяншударо анҷом диҳед.

## 1.6. Андозҳое, ки аз тарафи шумо бояд пардохт карда шаванд

Новобаста аз шакли ҳуқуқии ташкилотати шумо ба шумо лозим аст, ки андозҳои зеринро пардохт намоед:

- Саҳми фонди иҷтимоӣ (барои кормандонатон – ҳадди ақал ин барои муҳосиб ва директор мебошад), аммо дар сурати ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ будан аз ин талабот истисно мебошанд ва директорон ва муҳосибони ТҒД, ки вақти нопурра ё ихтиёрӣ кор мекунанд қабул карда шуданд.
- Дар сурате,ки ташкилоти шумо амволи ғайриманқул дошта бошад аз он андоз супорида мешавад (вобаста аз ҳаҷм ва истифоди биноҳоятон, фоизҳо дар вилоятҳо фарқ мекунанд)
- Агар шумо ба рои истифодаи доимӣ, муваққатӣ замин дошта бошед ё онро иҷора гирифта бошед бояд андози заминро пардохт намоед, аммо на барои танҳо ҳудуде, ки ҳамчун шикоргоҳ муқаррар гардидааст. Маблағи пардохт дар байни вилоятҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳо фарқ мекунанд.

Ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуд (ШММ) илова бар ин бояд андоз аз даромадро пардохт намоянд. Агар даромади холиси солонаи шумо камтар аз 500.000 сомонӣ бошад шумо бояд 6% аз фоидаи худ андоз супоред. Агар фоидаи шумо бештар бошад, тартиб мураккабтар гардида ва пардохти ААИро (андоз аз арзиши иловашуда)дар бар хоҳад гирифт.

# Қисмати 2

## Идоракунии шикоргоҳ:

Пас аз он ки шумо шартномаатонро бо Агентии хоҷагии ҷангал оиди ҷудо кардани шикоргоҳ ба имзо расонидед, шумо бояд нақшаи идоракунии шикоргоҳро, ки 5 солро дар бар гирад ва нақшаи кории солонаро таҳия намоед. Бидуни он нақшаҳо ба шумо ташкил кардани сафарҳо барои шикор иҷозат дода намешавад. Бо мақсади таҳияи он нақшаҳо ба шумо лозим аст, ки оид ба тамоми хусусиятҳои вобаста ба шикоргоҳатон маълумоти бештаре дар даст дошта бошед.

## 2.1. Дар бораи шикоргоҳатон бояд чиро донед?

**Намуди ҳайвоноти шикорӣ ва масири ҳаракати онҳо:**
Барои дуруст баҳо додан, ки кадом навъи ҳайвоноти фонди шикор барои шикор муносиб мебошанд шумо бояд дар бораи шумораи тахминии он ҳайвонот ва инчунин тараққии саршумори онҳоро дар солҳои ахир маълумот дошта бошед. Дар сурати тамоман паст будан, дар айни замон аз афзоиш бозмондан ё ҳатто коҳиш ёфтани саршумори онҳо шумо дар бораи сабабҳои он ва вобаста ба он кадом чораҳоро метавонед анҷом диҳед бояд фикр кунед.

**Ҳудуди дақиқи шикоргоҳи шумо ва дастрасӣ ба он:**
Ҳудуди шикоргоҳи шумо кадом мебошад? Роҳҳои дастрасӣ ба ҳудуди шикоргоҳи шумо кадомҳо мебошанд – оё онҳоро дар шикоргоҳ бо осонӣ муайян кардан мумкин аст? Роҳҳои дастрасӣ ба дохили минтақаи шикоргоҳи шумо кадомҳо мебошанд? Кӣ ба ҳудуди шикоргоҳ ва аз кадом роҳ ва барои чӣ дохил мешавад? Агар роҳҳои дастрасӣ камтар бошанд барои шумо назорати дастрасӣосонтар хоҳад буд!

**Истифодабарандагони дигар:**
Кадом ашхоси дигар аз захираҳои минтақаи шикоргоҳ истифода мекунанд? Чанд истифодабарандаи ҷангал ё чарогоҳ дар онҷо мавҷуд аст? Саршумори чорво дар онҷо чи қадар аст? Шояд фаъолиятҳои истифодабарандагони дигар барои мисол чаронидани чорво дар чарогоҳи тобистона ё ҷамъоварии ҳезум ба шумораи ҳайвоноти ваҳшӣ халал расонад ё ҳатто мавҷудотро аз байн барад ё захираҳои чарогоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ аз он вобаста мебошад? Истифодабарандагони дигар ба қадри мумкин бояд камтар ҳузур дошта бошанд. Агар дар онҷо дигар истифодабарандагон вуҷуд дошта бошанд бояд боварӣ ҳосил карда шавад, ки онҳо амалиёти идоракунии ҳайвоноти шикорӣ аз тарафи шуморо қабул намуда ва дахолат намекунанд.

## 2.2. Ҳадафҳои шумо аз идоракунии шикоргоҳ чист?




**Эҷоди дидгоҳи умумӣ!** Ҷанбаҳои тағйири гуногунии биолог, некуаҳволии мардуми маҳали худ, манфиати наслҳои оянда ва ӯҳдадориҳои худ дар назди қонуни кишварро дар назар гиред!

## 2.3. Чораҳои муҳим барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо кадом мебошад?

### Тақсими ҳудуд ва аломатгузорӣ




**Ба воситаи лавҳа шикоргоҳро муайян намоед**

Ба воситаи лавҳа ба мардуми маҳаллӣ ва инчунин ба он нафароне, ки аз ин минтақа мегузаранд дар бораи ташкили шикоргоҳи шумо ва ҳудуди он маълумот медиҳад.

**Муайян намудани минтақаҳои ором ва барқароршавӣ барои хайвоноти шикорӣ**

Вобаста ба шумораи аҳолӣ, инчунин андозаи ҳудуди чарогоҳ, шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣва саршумор ҳайвоноти хонагӣ мавзеъҳои ором ва ё барқароршавӣ метавонанд муайян карда шаванд.

**Шумо бояд барои пурра ё қисман маҳдуд намудани фаъолият дар ин минтақаҳо бо дигар истифодабарандагон ва соҳибони заминҳо маслиҳат намоед.**

### Ҳисобкунии фонди шикор ва пешниҳоди саҳмияҳо (квотаҳо)

**Тадқиқоти солона**

- Вазифаи шумо аст, ки тадқиқоти солонаи саршумори навъи ҳайвоноти ваҳшии мавриди ҳадафатонро (ва дигар навъи ҳайвоноти муҳим) ҳар сол дар моҳҳои ноябр/декабр ё феврал/ март(апрел) гузаронед. Дар охири зимистон шояд арзёбии саршумори онҳо осонтар бошад зеро он ҳайвонот дар ҷустуҷӯи алафи сабз ба доманакӯҳҳо мефароянд.
- Дар **Дастурамал барои мониторинги ҳолати саршумор ҳайвоноти кӯҳӣ дар Тоҷикистон** (баргирифта аз раёсати Шикори Агенти хоҷагии ҷангал) дастурамалҳои возеҳ оид ба чӣ гуна гузаронидани тадқиқот баён гардидааст.
- Ба шумо тавсия дода мешавад то аъзои донишкадаҳои илмӣ, ТҒД вобаста ба ҳифзи муҳити зист ва мақомоти давлатиро барои иштирок дар таҳқиқоти худ даъват намоед!
- Шумо дар ҳисоботи солонаатон ба шӯъбаи шикор бояд дар мавриди таҳқиқоти худ ҳисобот диҳед.



## Мониторинги мустақил (назорат)

- Тадқиқоти мустақили саршумори фонди шикор ҳадди ақал ҳар панҷсол як маротиба аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал, донишкадаи зоология ва паразитологияи Академияи Илмҳо ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист гузаронида мешавад.
- Он мувофиқи қоидаҳои дар Роҳнамои мазкур муқарраршуда сурат мегирад.
- Аъзои ташкилот/кормандони(муҳофизон) шумо инчунин барои иштирок дар тадқиқот даъват карда мешаванд.

## Арзёбии меъёри истифодабарии тамоми намуди ҳайвоноти ваҳшӣ

Мувофики конуни нави шикор, саҳмия (квота) барои шикори ҳайвоноти ваҳшии дар Китоби сурхқайдшуда ва баъзе аз дигар намуди ҳайвоноти ваҳш бояд аз тарафи коммиссияи махсус муқаррар карда шавад. Ҳисобкунии квота барои ҳайвоноти боқимонда дар Қоидаҳои Шикор дарҷ гардидааст.

Дар сурати фаъолият накардани коммиссия ва тасдиқ нашудани Қоидаҳои Шикор квота барои ҳайвоноти ваҳшии дар Китоби сурхқайдшуда аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва квота барои дигар намуди ҳайвоноти ваҳшии боқимонда аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал дар асоси ҳисоботи илмии Академияи Илмҳо ва тасдиқи ҳукумат пешниҳод карда мешавад.

Бинобар ин, шумо худатон метавонед пеш аз пешниҳоди дархост барои квота ба мақомоти дахлдор квота барои миқдори интихоби навъи муайяни ҳайвонотро ҳисоб кунед. Бо дархости худ шумо метавонед барои талаб намудани квота ҳуқуқ пайдо кунед.

**Квота барои гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло), гусфанди куҳии бухороӣ(уриал), оҳуи кӯҳӣ ва морхӯрро метавон аз рӯи қоидаҳои зерин ҳисоб кард:**

- Миқдори квотаҳо барои шикори ҳайвоноти ваҳш набояд бештар аз 1% саршумори умумии фонди шикор (яъне агар 100 ҳайвони ваҳшӣ мавҷуд бошад танҳо яктои он бояд шикор карда шавад) ва то 20% шумораи ҳайвоноти ваҳшии нарина бошад(яъне бузҳои наринаи воқеан пир, ҳадди ақал 8 сола, аммо беҳтар аст пиртар бошад) – агар панҷҳайвони ваҳшии нарина бошад шумо метавонед яке аз онро шикор кунед.
- Аз ин рӯ саршумори ҳайвоноти ваҳши арзёбишуда ҳадди ақал бояд 100 сарро ташкил диҳанд, ки панҷ сари он бояд нарина бошад то барои фурӯши як сари он ба як шикорчӣ иҷозат дода шавад. Барои иҷозати дуввум саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ 200 сар аз ҷумла 10 сари он бояд нарина бошад.
- Агар фарз карда шавад, ки саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ мувофиқи тадқиқот ба таври назаррас аз саршумори воқеии онҳо камтар аст барои мисол бо сабабҳои номусоидии обу ҳаво дар ҷараёни тадқиқот, квота барои интихоби ҳайвоноти шикориро метавон то 1,5% аз саршумори ҳисоб кардашуда зиёд намуд.
- Агар шумо бихоҳед, ки ҳайвонҳоро барои истифодаи мардуми маҳаллӣ ё шикори варзишӣдошта бошед квотаҳои бештар ва шикори дигар намуди ҳайвонот метавонад устувор бошад. Бинобарин, он метавонад ба тавоноии шумо барои пешниҳод кардани шикори ғаниматии босифат таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ квотаҳои пешниҳодшуда барои дигар намудҳои шикор ғайр аз шикори ғаниматӣ бояд бар тавсияҳои олимони таҷрибадор асос ёбанд.

Чунин интихоби квота вобаста ба шикори ҳайвоноти ваҳшӣнисбати шумораи навъи ҳайвоноти ваҳшӣ, ҷинс ва сину сол ва сохтори генетикии ҳайвоноти ваҳшӣ зараровар набуда ва шумораи кофии ҳайвонотро барҷо гузошта, шикори онҳоро аз тарафи ҳайвоноти даранда дар назар мегирад. Шикори ҳадди аксари танҳо

як ҳайвон аз панҷ ҳайони шикории нарина барои додани имконияти воқеӣ ба шикорчӣ барои дарёфт карадни шикори ғаниматии хуб зарурӣ мебошад. Инчунин он ба он кӯмак мерасонад, ки саршумори ҳайвоноти шумо дар давоми солҳо наринаи хуби шикорӣ дошта ва миқдори онҳо коҳиш намеёбад.

Барои аксари навъи ҳайвонот, шикори онҳо танҳо дар давоми давраҳои муайяни сол иҷозат дода мешавад. Он мавсимҳои шикор дар Қоидаҳои шикор қайд шудаанд. Барои гӯсфандони ваҳшӣ ва бузҳои кӯҳӣ мавсими шикор оддатан аз 1-уми сентябр то 1-уми марти соли дигар мебошад.

## Чораҳои ҳифз ва зидди шикори ғайриқонунӣ

Аз ҳама чораҳои муҳими ҳифзи фонди шикор ин назорати дастрасӣ ба ҳудуди шикоргоҳатон мебошад. Вобаста аз хусусиятҳои топограф назорат кардани тамоми роҳҳои дастрасӣ ба шикоргоҳ ғайримкон аст, аммо агар шумо роҳҳои асосиро назорат кунед эҳтимоли зиёд метавонед то андозаи бузург фаъолиятҳои эҳтимолии шикори ғайриқонуниро паст намоед. Барои муваффақ шудан дар ин кор шумо бояд мардуми маҳаллиро ташвиқ ва ҳавасманд намоед то фаъолона иштирок намоянд.

**Бо шикорчиёни ғайриқонунӣчӣбояд кард?**

Ҳангоми рӯба рӯшудан бо шикорчии ғайриқонунӣвазифаи посбонҳои шумо сабти қонунвайронкунӣ ва тартиб додани санад (акт) мебошад, ки пас аз он ба мақомоти масъули ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи ҳуқуқ – нозирони Кумитаи ҳифзи муҳити зист ё агентии хоҷагии ҷангал пешниҳод карда



мешавад. Посбонҳои шумо ҳақ доранд ҷинояткоронро боздошт ва тафтиш намоянд, мошинашонро тафтиш намуда силоҳҳои онҳо ва ашё/ҳайвоноти шикории ғайриқонунӣ ҳосилкардаи онҳоро мусодира намоянд. Шумо метавонед ба Агентии хоҷагии ҷангал муроҷиат карда аз он хоҳиш намоед то барои шумо нишони махсус, ки мақоми шумо ҳамчун нозири ихтиёрии Агентии хоҷагии ҷангал дар он баён шудааст ва ҳуқуқе, ки ин мақом ба посбонҳои шумо медиҳад содир кунад.

**Манъ/маҳдуд намудани истифодабарандагони дигар захираҳо** (чарогоҳ, ҳезум)

Беҳтар аст ҳаҷми истифодаи дигар захираҳои табиӣ махсусан агар он бо фаъолиятиҳои идоракунии фонди шикор халал расонад ба қадри имкон паст карда шавад. Ба ин чарондани чорво ва ҷамъоварии ҳезум дар минтақаҳое, ки ҳайвоноти сумдори ваҳшӣ онро барои чаро истифода мебаранд дохил мешавад.
Якум аз назар гузаронед оё истифодабарандагони захираҳо барои истифодаи он минтақа ба таври расмӣ ҳуқуқ доранд ё не. Агар онҳо ҳуқуқ надошта бошанд шумо бевосита метавонед аз онҳо дархост кунед то аз истифодаи захираҳо даст кашанд. Агар онҳо ба кори худ идома диҳанд кӯшиш намоед то оиди чӣгуна истфода шудани захираҳо музокирот анҷом диҳед-шояд минтақаи дигаре вуҷуд дорад, ки онро метавон истифода кард ё истифодабаранда метавонад истифодаи захираҳоро барои мӯҳлат ва вақти муайян маҳдуд намояд, то ин ки барои саршумори ҳайвоноти ваҳшии шумо мушилот эҷод накунад. Шумо инчунин метавонед бевосита бо соҳибони замин, ки истифодабарии захираҳоро иҷозат медиҳанд гуфтуг намоед.

**Монеаҳо**

Монеаҳоро метавон дар тамоми нуқтаҳои дастрасӣ дар ҷониби роҳҳои дастрасӣ ба воситаи мошин якҷоя бо лавҳа, ки маълумот дарбораи шикоргоҳи шуморо баён мекунад насб намуд. Бинобар ин, лутфан боварӣ ҳосил кунед, ки соҳиби замин ва ташкилоти масъул барои роҳ ба шумо барои насб намудани чунин монеаҳо иҷозат медиҳанд.

## Посбонӣ (Назорат)

**Посбониро чӣ гуна бояд ташкил кард**

- Посбонӣ ба таври мунтазам дар давоми сол бояд гузаронида шавад. Ташкил намудани назорат/посбонӣ аз тарафи шумо ҳар сари чанд асосан аз эҳтимоли роҳҳои дастрасӣ ба минтақаи шумо ва фишори воқеии шикори ғайриқонунӣ вобаста мебошад.
- Вобаста аз масоҳати топографии минтақа ва шумораи кормандон, шикоргоҳро метавон мувофиқи шумораи посбонҳо ба бахш ҷудо кард то ки ҳар як посбон барои як бахш масъул бошад.
- Тамоми мушоҳидаҳое, ки ҳангоми посбонӣ сурат мегирад бояд дар дафтарча қайд карда шаванд.
- Илова бар посбонӣ аз тарафи посбонҳо, тамоми мардуми маҳаллӣ бояд ҳавасманд карда шавад то мушоҳидаҳои муносибро хабар диҳанд!

## Маълумоти мушоҳида чӣ гуна ҷамъоварӣ ва ҳифз карда мешавад (барои истифода дар оянда)



**дафтарчаҳо**

Посбонҳо бояд ҳамеша ҳамроҳашон дафтарча дошта бошанд то мушоҳидаҳояшонро дар рафти гашти посбонӣ ё сафари хусусӣ дар шикоргоҳ бақайд гиранд.

**ҷамъоварии систематикии маълумоти қобили шумориш**

Маълумоти дафтарчаҳо (инчунин маълумоти ҷамъоваришуда аз аъзои ҷомеа дар маҳалла) дар китоби қайди ҳодиса ё журнали қайд, ки дар дасти директор нигоҳбонӣ мешавад бояд айнан навишта шаванд.

**Кадом намуди маълумотро бояд ба таври мунтазам ҷамъоварӣ кунем?**

- Ҳаракати ҳайвоноти ваҳшӣ, саршумор ва тағйирот дар ҷойгиршавӣ
- Азбайнравӣ / марг
- Шикори ғайриқонунӣ (миқдори ҳодисаҳо, навъи шикори ғайрирасмӣ (камон, дом), кӣ шикори ғайриқонунӣ анҷом дод?)
- Нобуд шудан аз тарафи ҳайвоноти даранда
- паҳншавии бемории дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳайвоноти хонагӣ – Бояд фавран хабар дода шавад!
- Офатҳои табиӣ (обхезӣ ва ғайра.)
- Ҳаҷми ҳайвони шикорӣ (инчунин лошаи ёфтшуда (ҳайвони мурда))

## Чорабиниҳои биотехникӣ

**Чорабиниҳои биотехникӣ тадбирҳо барои нигоҳ доштан, танзими саршумор ва таркиби намуди ҳайвоноти шикориро тавассути беҳтар кардани шароити табиӣ ва муҳити зист дар бар мегирад. Чунин тадбирҳо беҳтар намудани хӯроки ҳайвонотро ба воситаи коштани тухмии алафҳо, тоза кардан ё эҷоди ҷойҳои обдиҳии табиӣ ва сохта, таъмини намаксанг ва хӯрок ҳангоми камбудӣ ё дастрас набудани алафҳои табиӣ дар бар мегиранд.**

### Таъмини намаксангҳо

Таъмини намаксангҳо дар фасли тобистон ва зимистон метавонад хавфи саргардонии ҳайвонотро, ки дар ҷустуҷӯи манбаъҳои намак шояд шикоргоҳро тарк намоянд паст мекунад. Илова бар ин нуқтаҳои мушоҳидаро метавон дар наздикии намаксангҳо ташкил кард. Таъмини намаксангҳои тобистонӣ дар моҳҳои апрел ва май дар ҷойҳое, ки ҷамъшавии оҳуи кӯҳӣ дар тобистон зиёд ба чашм мехурад (агар ин ҷойҳо аз захираҳои кофии намаксанг орӣ бошанд). Як ҷои регзор ё зери харсанги калонро дар наздикии чарогоҳи оҳуи кӯҳӣ, ки дар онҷо чорво набошад интихоб намоед. Шумо инчунин метавонед қисман намаксангро зери хок гӯр кунед. Намаксанҳои зимистониро бояд ҳамон тавре зикр шуд дар моҳи сентябр ва ноябр дар ҷойҳое, ки оҳуҳои кӯҳӣ дар фасли зимистон ҷамъ мешаванд гузоред. Аз санг ё дигар маводи мавҷудбудаи маҳаллӣ як паногоҳ созед то битавонед дар он пинҳон шуда, оҳуҳоро ҳангоми наздик шудан ба намаксанҳо мушоҳида намоед.

### Хӯрок додан

Ҳангоми шароити бисёр сахти иқлимӣ ё бо сабаби аз андоза зиёд чаронидани чарогоҳҳои табиӣ ба востаи чорво лозим мешавад, ки ба ҳайвоноти сумдори ваҳшӣ ба хотири пешгирии кӯчбандии онҳо ба хориҷ аз минтақа бо алаф таъмин карда шаванд. Ин ба ҳар ҳол набояд ҳамчун қоида шавад! Маҳдуд сохтани чаронидани ҳайвоноти хонагӣ дар ҷойҳое, ки ҳайвоноти сумдори ваҳшӣ аз он истифода мекунанд бисёр муҳим мебошад.

**Гургҳо ё бабрҳои барфиро накушед, аммо ҳайвоноти маҳалиро аз ҳуҷуми дарандаҳо муҳфизат кунед!**

**Девори атрофи нигоҳдории чорворо (кашар) барои пешгирӣ намудан аз ҳуҷуми гургҳо ё бабрҳои барфӣ мустаҳкам намоед. Ин корро метавон ба воситаи пӯшонидани рӯи девор бо симтӯрҳо анҷом дод. Ассотсиатсияи муҳофизони табиати Тоҷикистон (АМТТ) метавонад маслиҳат дода дар сурати лозим аз чунин чораҳо дастгирӣ менамояд. Чунин чораҳои пешгирикунанда аз куштани ҳайвоноти даранда, ки ҷузви ҷудонашавандаи экосистема мебошанд беҳтар мебошанд. Онҳо саршумори ҳайвоноти сумдори кӯҳиро ба воситаи куштани заифтарин ва бемори онҳо солим ва қавӣ нигоҳ медоранд.**

## Маҷлисҳои мунтазами гурӯҳ/кормандон

Маҷлисҳои мунтазами гурӯҳ/кормандон барои муҳокимаи фаъолиятҳои дар пешистода барои қабули қарорҳо ва стратегияҳо ва арзёбии корҳои анҷомёфта то ин дам муфид мебошанд. Онҳо бояд ҳадди ақал **4** маротиба дар як сол гузаронида шаванд. Илова бар маҷлисҳои мунтазам, дар ҳолатҳои лозим маҷлиси ғайринавбатӣ бояд гузаронида шавад.

### Барномаи маҷлис

Пеш аз ҳар маҷлис барномаи он, ки аз рӯи он маҷлис ташкил карда мешавад бояд таҳия гардад. Ин барои ҷалби таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои муҳим кӯмак расонида ва хусусияти расмии маҷлисро мавриди таъкид қарор медиҳад.

### Шӯро / маҷлиси умумӣ

Ба шумо лозим аст маҷлиси умумӣ ё маҷлиси шӯроро дар ҳолатҳои қабули қарорҳои муҳим баргузор намоед. Суратмаҷлис бояд навишта ва аз тарафи тамоми иштирокчиён имзо карда шавад.



## Қоидаҳои дохилӣ ва тақсими масъулиятҳо

Шумо бояд дар байни гурӯҳ оид ба вазифаи ҳар як нафар ва таъин намудани масъулиятҳо қоидаҳои возеҳу равшан муқаррар намоед. Барои мисол шарҳ диҳед, ки кадом нафар масъул аст барои

- Посбонии кадом бахши шикоргоҳ, ё дар кадом вақт
- Нигоҳдории маълумот
- Роҳнамоии сайёҳоне, ки барои шикор ё суратгир омадаанд
- Нигоҳдории намаксангҳо ва ҷойҳои обдиҳӣ ва инчунин паноҳгоҳҳо
- Тамос бо мақомоти расмӣ (ҳисоботдиҳӣ)

ва инчунин кӣбояд дар бораи чӣ, кай ва бо кӣ дар тамос шавад.

Дуввум шумо бояд оид ба нархҳои пешниҳодоти шикор ва сайёҳии худ ва чӣ гуна тақсим намудани даромад аз ин намуди фаъолият қарор қабул кунед. (ба Қисмати 3 нигаред).

# 2.4. Нақшаи идоракунӣ чӣ гуна таҳия карда мешавад

Агар шумо ҳоло дидгоҳи худ оид ба шикоргоҳатон ва фикр дар бораи фаъолиятҳое, шумо бояд анҷом диҳед омода карда бошед барои шумо дар навиштани нақшаи идоракунӣ мушкиле нахоҳад буд. Бидуни нақшаи идоракунии тасдиқшуда аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал ба шумо барои шикор ва ташкил кардани сафарҳои шикорӣ иҷозат дода намешавад! Аз Агентии хоҷагии ҷангал намунаи нақшаи идоракуниро дархост кунед. Дар сурати мавҷуд набудани намуна, нақшаи идоракунии шумо бояд мувофиқи сохтори дар ҷадвали зер нишондодашуда омода карда шавад. Нақшаи идоракунии шумо ҳадди ақал бояд барои 5 сол ё агар имкон дошта бошад барои тамоми мӯҳлати шартномаатон таҳия карда шавад. Шикоргоҳ дар аввал барои 10 сол ба иҷора дода мешавад. Баъд азнав кардан мӯҳлати иҷора метавонад то 20 сол тамдид карда шавад. Нақшаи идоракунӣ бояд аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал дар соли аввал пас аз бастани шартнома тасдиқ гардад. Он ба шартномаи шумо замима карда мешавад ва бо мувофиқати якҷояи Тарафҳои шартнома ба он тағйирот ворид карда мешавад.

**Сохтори нақшаи идоракунӣ ва шарҳи он**

- **Асоси қонунӣ:** барои ҷудо кардани шикоргоҳ ба шартнома ва инчунин ба сертификати замин агар дошта бошед такя намоед ё агар надошта бошед соҳиби (они) замин ва ҳуҷҷатҳои таъсисиии ташкилоти худро нишон диҳед.
- **Шарҳи маҳал, хусусиятҳои табиӣ ва географии минтақа:** Тамоми маълумот ва иттилооте, ки хусусиятҳои муҳими шикоргоҳи шуморо баён мекунанд ҷамъоварӣ намоед.
- **Маълумоти асосӣ дар бораи олами ҳайвонот:** арзёбии навъи ҳайвонот, саршумори онҳо ва шароити фонди шикор.
- **Таҳлили имкониятҳо ва мушкилот:** барои мисол нисбати ҷории шикори ғайриқонунӣ, шароити хуб ё каме хуби олами ҳайвонот ё нобудшавии онҳо; арзёбии имкониятҳо барои устувор сохтан ва зиёд кардани саршумори якчанд навъи ҳайвоноти шикорӣ ва имкониятҳои рушди фаъолият дар соҳаи мазкур
- **Ҳадафҳои идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ:** устувор нигоҳ доштан ва зиёд кардани саршумори фонди шикор; рушди шикор ва ё экотуризм ё имкониятҳои шикор танҳо барои аъзои ташкилот
- **Чораҳо:** шарҳи фаъолиятҳои асосие, ки мақсади он ба ҳадафҳо расидан аст; онҳо бояд тамоми фаъолиятҳои вобаста ба ҳифзу нигоҳубини ҳайвоноти шикорӣ ва муҳити онҳо, назорати навъҳои онҳо ва ҷараёни шикорро дар бар гиранд
- **Харитаи асосии шикоргоҳ:** харитаи асосии шикоргоҳи шумо аз ҷумла минтақаҳое, ки пурра барои идоракунии ҳайвоноти шикорӣ истифода карда мешаванд (қароргоҳ
- барои шикор,минтақаҳои ором/зиёдкунӣ, аломатҳо ва ғайра) ё бо даст кашидашуда ё аз тарафи корхонаи хизматрасонии харитасозӣтаҳия шуда бошад.

Нақшаи идоракуниро инчунин метавон бо дастгирии мутахассиси шӯъбаи шикор ва ё донишкадаи зоология ва паратизологияи Академмия Илмҳо ё мутахассиси ботаҷрибаи соҳаи ҳайвоноти ваҳшӣ ва таъминкунандаи хизматрасонии харитасозӣ омода сохт.

## 2.5. Нақшаи кории солона

Илова бар нақшаи идоракунӣ шумо бояд **нақшаи солонаи фаъолиятҳои идоракунии** фонди шикорро барои ҳар як сол таҳия намоед. Он бояд намуди корҳо дар бар гирад, ки сифат, миқдор ва вақти иҷрои онро нишон диҳад. Аз Агентии хоҷагии ҷангал намунаи нақшаи солонаро талаб намоед. Дар сурати мавҷуд набудани намуна, нақшаи кории солонаи шумо бояд мувофиқи сохтори дар ҷадвали зер нишондодашуда омода карда шавад. Нақшаи кории солонаи шумо бояд аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал тасдиқ карда шавад.

**Сохтори нақшаи кории солона бо шарҳҳо**

- Нақшаи кории солона бояд дар шакли ҷадвал навишта шавад
- тамоми чораҳоро қайд кунед
- вақт/фосилаи амалисозии онҳо
- натиҷаҳои дар назардошташуда
- шахсони масъул

**Намуна:**

| Чораҳо | Вақти иҷроиш | Натиҷа | Шахсони масъул |
|---|---|---|---|
| Чораҳо зидди шикори ғайриқонунӣ:<br>- ...<br>- ...<br>- ... | Давоми сол, ... | Набудани фаъолиятҳои шикори ғайриқонунӣ, ... | Аъзои ТҒД |
| Фаъолиятҳои биотехникӣ<br>- ...<br>- ...<br>- ... | Мавсими баҳор / март, апрел ... | Ҳайвонот кӯч набастанд (бо сабаби камбуди намаксанг), .... | Раис ва аъзои ТҒД |
| Назорат<br>- кори саҳро<br>- ҷамъоварии маълумот<br>- ... | Апрел, ноябр<br>.. | дафтарчаҳо, варақаҳои меъёрӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ҷамъоварии маълумот аз минатқаҳои шикоргоҳ, ... | Раис ва аъзои ТҒД |
| ...<br>... | ...<br>... | ...<br>... | ...<br>... |

## 2.6. Оид ба фаъолиятҳои худ чӣ гуна ба мақомоти давлатӣ ҳисобот пешниҳод мекунед

**Ҳисоботи солона ба Агентии хоҷагии ҷангал:** шумо бояд солона як маротиба оид ба фаъолиятҳои худ ба Агентии хоҷагии ҷангал ҳисобот пешниҳод кунед. Аз Агентии хоҷагии ҷангал намунаи ҳисоботро дархост кунед. Дар сурати мавҷуд набудани намуна, нақшаи идоракунии шумо сохтори дар ҷадвали зер нишондодашударо дар бар мегирад. Мӯҳлати ҳисобот бояд як мавсими шикор аз моҳи арел то марти соли оянда бошад. Ҳисоботи мунтазам барои судури иҷозатномаи нав барои шикор муҳим мебошад.



### Сохтори ҳисоботи солона

- **Давраи ҳисобот: 04/20.. – 03/20..** (апрел то марти ҳар сол)
- **Маълумот оид ба саршумори ҳайвоноти шикорӣ:** натиҷаҳои тадқиқоти солонаи навъи ҳайвоноти ваҳшӣ аз ҷумла ҳайвоноти дар Китоби Сурх қайдшуда ва рӯйхати маълумоти муҳим аз мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи худ ва посбонҳоятонро пешниҳод кунед.
- **Ҳисобот оиди фаъолият:** миқдор, сифат ва вақти иҷрои чораҳои биотехникӣ ва чораҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳайвонот – шумо метавонед ба нақшаи солонаатон як сутун илова намуда дар он иҷроиши фаъолият ва то кадом андоза иҷро шудани онро қайд намоед.
- **Ҳисобот оид ба шикор/ҳайвони шикорӣ:** таърихи шикор, миқдори иҷозатнома, навъи ҳайвонот, макони шикор, тахминан синну сол ва ҷинси ҳайвони шикорӣ ва ҳаҷми маҳсулоти ҳайвони шикорӣ ва ягон мушоҳидаҳои махсус оид ба ҳайвони шикоршударо нишон диҳед.

Ҳисоботи махсус: Фавран оиди зарар ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва муҳити зисти онҳо аз тарафи шахси сеюмро ба намояндаи нозирони агентии хоҷагии ҷангал ва ё кумитаи муҳити зист хабар диҳед. Ҳисобот нависед ва дар он бояд шоҳидон низ имзо кунанд.

Ҳисоботи махсус: Фавран оид ба ошкор кардани бемориҳо дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ ба хадамоти байторӣ ва хадамоти сантитари эпидемологӣхабар диҳед. Ҳисобот нависед: он бояд аз тарафи шоҳидони дигар имзо карда шавад ва баъд аз он дастурамалҳои минбаъдаи байторӣ ва хадамоти санитарию эпидемологиро пайгирӣ намоед.

**Илова бар ҳисоботи ҳатмӣ, кӯшиш намоед то ба таври ғайри расмӣ дар давоми сол бо мақомоти давлатӣ,аъзои донишкадаҳои илмӣ ва дигар менеҷерҳои шикоргоҳҳо дар тамос шавед. Ин ба шумо барои огоҳ будан ва пешгирии мушкилиҳо кӯмак мерасонад.**

# Қисмати 3

## Ба роҳ мондани фаъолият

### 3.1. Хароҷоти худро чӣ гуна ҳисоб мекунед

**Хароҷоти фаъолиятҳои идоракунии фонди шикор чӣ гуна ҳисоб карда мешавад**

Ин шояд як чанд солро дар бар гирад то шумо воқеан тавассути шикори ҳайвоноти ваҳшӣ баъзе даромад ба даст оваред. Дар ин мӯҳлат ба ҳар ҳол шумо алакай барои сармоягузории аввалия (насби лавҳаҳо, монеаҳои роҳ, хариди таҷҳизот) ва барои гузаронидани фаъолиятҳои муҳими идоракуни фонди шикор (харидани намак, хароҷоти нақлиёт ва ғайра) харҷ намудеад. Шумо бояд вобаста ба хароҷоти худ авлавиятҳоро ба таври возеҳ дар мадди назар қарор диҳед ва бо оне, ки мувофиқи шартномаатон ҳатмӣ ва барои анҷом додани фаъолиятҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ бисёр муҳим мебошанд шурӯъ намоед.

Ин барои шумо муфид хоҳад буд агар нақшаи солонаи харооти худро ба мисли нақшаи зерин тартиб диҳед:

| Хароҷоти ҷорӣ | | | |
|---|---|---|---|
| | Вазифа | Хароҷот / моҳ | Хароҷот / сол |
| Кормандон | Директор | | |
| | Муҳосиб | | |
| | Посбон | | |
| | ... | | |
| | | | **Ҷамъ:** |
| Фаъолиятҳо | Намаксанг | | |
| | Хароҷоти нақлиёт | | |
| | ... | | |
| | | | **Ҷамъ:** |
| **Ҷамъи хароҷот дар як сол:** | | | |

| **Сармоягузорӣ** | | хароҷот / воҳид | хароҷот / ҷамъ |
|---|---|---|---|
| | Лавҳаҳо | | |
| | монеаҳо | | |
| | дурбин | | |
| | хаймаҳо | | |
| | … | | |
| **Ҷамъи хароҷоти сармоягузорӣ дар як сол:** | | | |

**Шумо метавонед барои грантҳо ё қарз барои пӯшонидани сармоягузории аввалияи худ дархост намоед!**

### Хароҷоти гузаронидани шикор бо мизоҷони байнмилалӣ чӣ гуна ҳисоб карда мешавад

Бо мақсади дуруст ҳисоб кардани хароҷоти худ, шумо бояд тамоми хизматрасониҳоро, ки ба мизоҷон барои ташкил ва гузаронидани шикор пешниҳод мекунед ба ҳисоб гиред. Дар ҳисоботи худ шумо бояд даромади ташкилотро, ки барои пӯшонидани хароҷоти ҷории ташкилот ва мудирияти чарогоҳ ва инчунин саҳми шумо ба лоиҳаҳои фоидаовари мардуми худ истифода бурда мешавад илова намоед.

**Хароҷот барои гузаронидани шикор**

- Тартиботи иҷозатгирӣ ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ (иҷозатномаи шикор, иҷозат барои ворид кардани силоҳи оташфишон, сертификати байторӣ барои содирот, иҷозатномаи CITES)
- иҷораи мошин ( барои савор кардани сайёҳон аз фурудгоҳ ва интиқол то ба шикоргоҳ ва аз он)
- маош барои тарҷумон
- маош барои роҳнамои (ҳо) шикорчӣ
- манзил ва хӯрок дар деҳа/қароргоҳи шикор
- интиқолдиҳӣ дар ҷараёни шикор (аспҳо/харҳо)
- пӯст кардани ҳайвони шикорӣ ва омодагӣ барои саҳро
- даромади ташкилоти шумо (тақрибан 25% арзиши сафари шикорӣ) барои пӯшонидани хароҷоти ҷории ташкилот ва мудирияти шикоргоҳ, хароҷоти сармоягузорӣ ва саҳмгузорӣ дар лоиҳаҳои маҳалӣ.
- хароҷоти ғайричашмдошт

Боварӣ ҳосил кунед, ки дар ҳисоботи худ барои хароҷоти ғайричашмдошт маблағи кофӣ дохил кардаед. Ин ба шумо на фақат дар ҳолати хароҷоти воқеии ғайричашмдошт кӯмак мекунад, балки инчунин ба шумо дар давоми солҳот кӯмак мекунад то танҳо бо якчанд мизоҷи шикорчӣ сару кор дошта бошед.

### Таҳия намудани нархнома барои шикори ҳайвоноти шикорӣ аз тамоми навъи ҳайвоноти муносиб

Вақте шумо хароҷоти худро ҳисоб кардед метавонед нархнома барои турҳои шикорӣ оид ба навъи ҳайвоноте, ки дар нақша доред ба бозор пешниҳод кунед таҳия месозед. Бо мақсади рақобатпазир гардидани фаъолияти худ ба шумо лозим аст ба таври мунтазам нархҳои шикори ҳайвоноти ваҳширо, ки аз тарафи оҷонсиҳои байналмилалии шикор ва ширкатҳои дохилӣ оид ба шикор дар Тоҷикистон пешниҳод мешавад аз назар гузаронед. Шумо бояд нархҳои худро мувофиқи он гузошта ва дар сурати лозим имкониятҳои паст кардани нархҳои худро баррасӣ намоед.
Илова ба нархҳо барои ҳар шикорчӣ ва ҳайвони шикорӣ шумо бояд барои фаъолиятҳои иловагии шикор (дуюм ҳайвони шикорӣ аз ҳамон навъ ё аз навъҳои дигар) ва барои меҳмононе, ки шикор намекунанд вале ҳамроҳи мизоҷ меоянд нархҳо муқаррар намоед. Акнун шумо хароҷоти ҷории худ ва фоидае, ки аз ҳар як шикор ба даст меоваред тахминӣ дар ихтиёр доред. Бо ин маълумот шумо метавонед барои устувор нигоҳ доштани фаъолияти худ ҳисоб кунед, ки ба гузаронидани чанд шикор дар як сол ниёз доред.

### Даромадеро, ки аз шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ба даст оварда мешавад чӣ гуна истифода мегардад

Даромаде, ки аз шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ва дигар фаъолиятҳои сайёҳии ҳосил мекунед бояд барои пӯшонидани хароҷоти ҷории тамоми фаъолиятҳои вобаста ба идоракунии шикоргоҳатон ва ташкили



сафарҳои шикорӣва инчунин барои дастгири рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи худатон истифода бурда шавад. Дастгирии масъалаи дар боло зикршуда пуштибонии аъзои дигари ҷомеаро, ки бидуни онҳо шумо шояд бо шикори ғайриқонунӣ ва дигар мушкилэҷодкунандаҳо мушкили ҷиддӣ дошта бошед ,кафолат медиҳад. Имкониятҳои шумо барои тақсими даромад дар байни аъзо аз шакли ҳуқуқии ташкилоти шумо вобаста мебошад. Танҳо иттиҳодияҳо метавонад даромадро аз рӯи саҳми аъзо, ки дар Оиннома муқаррар шудаанд тақсим намояд. Дар мавриди ҶДММ таъсисдиҳанда ё соҳиби он тамоми даромадро мегирад аммо аз он барои коргаронаш бояд пардохт намояд. Ягона роҳе, ки ташкилотҳои ғайридавлатӣ метавонанд даромадашонро ба аъзои худ пешниҳод кунанд дар шакли маош мебошад.

Ҳар гуна даромади изофагие, ки аз тарафи ТҒД аз шикори ҳайвонот ва дигар фаъолиятҳои сайёҳӣ ба даст оварда мешавад бояд мувофиқи Оиннома барои фаъолиятҳои ташкилот истифода бурда шавад. Оддатан он фаъолиятҳо вобаста ба муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣва дастгирии рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа мебошанд. Барои мисол онро метавон ба зерсохтори маҳаллӣ ё дигар лоиҳаҳо сармоягузорӣ намуд ё як бунёди иҷтимоӣметавон ташкил дод. ҶДММ инчунин вақте, ки кори онҳо равнақ гирифт бояд дар бораи системаи одилони тақсими фоида барои ҷомеаи худ фикр кунанд то дастгирӣ аз тарафи ҷомеаро кафолат дода ва талаботеро, ки аз тарафи оҷонсиҳо дар кишвари шикорчиён муқаррар гардидааст иҷро намояд.

## 3.2. Квота ва иҷозатнома барои шикор чӣ гуна дарёфт карда мешаванд

Иҷозатнома барои он навъи ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх қайд шудаанд, дар айни замон аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зист содир карда мешавад. Иҷозатнома барои тамоми дигар намуди ҳайвонот аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал содир карда мешавад. Барои дарёфт намудани иҷозатнома барои шикори навъи ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх қайд шудаанд шумо барои идора кардани чунин навъи ҳайвонот литсензия(иҷозатнома) дошта бошед (бо Қисмати 1 муқоиса кунед).

**Барои иҷозатнома чӣ гуна дархост карда мешавад?**

Коммиссияи махсус барои навъи ҳайвоноти дар Китоби сурх қайдшуда ва дигар навъи ҳайвоноти интихобшуда квотаи солона ҷудо мекунад. Дар асоси ин квота истифодабарандагон метавонанд барои иҷозатнома дархост пешниҳод кунанд (барои он навъи ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх қайд нашудаанд ба Агентии хоҷагии ҷангал ва барои он навъи ҳайвоноте, ки қайд шудаанд ба Кумитаи ҳифзи муҳити зист) Дархост бояд дар шакли хаттӣ ва дар варақаи расмии ширкат омода карда шавад.

Шумо ҳамчун менеҷери шикоргоҳ метавонед ҳуқуқи шикори намудҳои маҳдудшудаи ҳайвоноти шикориро ба шикорчӣ бо роҳи додани роҳхати шикор амалӣнамоед. Роҳхат аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал дода мешавад, ки аз се қисми якхела иборат буда қисми аввал дар агентии мазкур, қисми дуюм дар ташкилоти шумо боқӣ мемонад ва қисми сеюм ба шикорчӣ ҳамчун роҳхат дода мешавад.

## 3.3. Мизоҷон чӣ гуна ҷалб карда мешаванд?

Вақте, ки шумо бо муваффақият барои навъи ҳайвоноти шикории мавриди ҳадафатон барои мавсими шикори навбатӣ квота дарёфт намудед, ёфтани мизоҷонро шурӯъ мекунед. Мизоҷонро барои шикори ҳайвоноти шикорӣ метавонед аз тариқи тамоси мустақим ё тавассути оҷонсиҳои байналмилалӣ оид ба шикор пайдо кунед.

**Ба воситаи тамоси мустақим**

**стратегияи маркетингро (бозорёбӣ) таҳия намоед**

Барои он ки мизоҷони эҳтимолӣ оид ба фаъолияти шумо огоҳ шаванд шумо бояд ягон намуди таблиғотро (реклама) омода дар даст дошта бошед. Аз ҳама муҳим доштани як сомона, ки тамоми маълумоти муносиби вобаста ба ташкилоти шумо оид ба шикори ҳайвоноти ваҳшӣ аз ҷумла нархнома ва суратҳои зеборо дар бар гирад мебошад. Таблиғот(реклама) дар маҷаллаҳои байналмилалии оид ба шикор метавонад таваҷҷуҳи иловагиро ба сомонаи шумо ҷалб намояд. Ҳар ду интихоб бояд ба таври касбӣ анҷом дода шаванд то нишон диҳанд, ки шумо як ширкат/ташкилоти обруманд ва боэътибор мебошед.

**Ба таври қатъӣ тавсия дода мешавад, ки шумо шахси масъули тамос дар Душанберо пайдо намуда бо ӯҳамкорӣ намоед чунки ӯ ба шумо барои ёфтани мизоҷон, харидани иҷозатнома ва дигар ҳуҷҷатҳо, фиристодани ҳайвони шикоршуда(ғанимат) ва дигар корҳо кӯмак хоҳад расонд. Аз ҷиҳати молӣ муфидтар хоҳад буд агар шумо ин шахсро ба дигар ташкилотҳои оид ба идоракунии шикор (дар сатҳи ҷомеа) муаррифӣ намоед.**

**Барои сайёҳати шикорӣ пешниҳодҳои рақобатпазир чи гуна навишта мешаванд**

- Вақте, ки шумо барои саёҳати шикорӣ пешниҳод менависед мӯҳлати пешниҳодшуда барои шикор ва миқдори мизоҷонеро, ки якҷоя мерасанд ба назар гиред.
- Бо мақсади таҳия намудани пешниҳодҳои ҷолибтар беҳтар аст, ки он ба пешниҳоди асосӣ тақсим карда шавад (иборат аз интиқол ба ва аз шикоргоҳҳо, иҷозатнома, роҳнамоии шикор аз ҷумла фароҳам намудани хӯрок ва манзил ва омодакунии ҳайвони шикори дар саҳро) ва маблағи хизматрасонӣ, ки иҷозатномаи воридкунӣбарои силоҳи оташфишон, сертификати бойторӣ, агар муносиб бошад ҳуҷҷатҳои CITES ва эҳтимол интиқоли маҳсулоти шикорӣ мепӯшонад.

- Хароҷот барои парвози байналмилалӣ, хизматрасониҳои VIP фурудгоҳ, раводид, суғуртаи сафар, хароҷоти меҳмонхона ва хӯрок дар Душанбе ба пешниҳод дохил карда намешаванд ва ин бояд ба таври возеҳ баён карда шавад.
- Нархнома барои меҳмонони ҳамроҳи шикорчӣ, ки шикор намекунанд
- Рӯйхати маблағи паспардохт,ки мизоҷ дарёфт мекунад, агар ӯ тир андохтан ба ҳайвони шикорӣ натавонад (одатан тақрибан 45% арзиши шикор)

**Бо шикорчиёни хориҷӣ шартнома чӣ гуна баста мешавад**

Шумо бояд бо ҳар як мизоҷ шартнома бандед, ки дар он ба таври возеҳ тамоми шароити тури шикорӣ ва тартиботи пардохтро баён шуда бошанд. Чунин шартнома аз тарафи қонун ҳамчуни шарти пешакӣ барои хориҷиён барои гузаронидани шикор дар Тоҷикистон талаб карда мешавад.

**Ба воситаи оҷонсиҳои байналмилалии шикор**

Аксари ширкатҳои оид ба шикор бо оҷонсиҳои байналмилалии шикор ҳамкорӣ мекунанд то шикори онҳоро дар бозор муаррифӣнамоянд. Агар шумо аз тариқи оҷонсӣ кор мекунед ба шумо лозим нест, ки бо масъалаи вобаста ба реклама ва ёфтани мизоҷон сару кор дошта бошед. Бинобар ин оҷонсӣ ҳам мехоҳад фоида ба даст оварад ва аз ин рӯ даромади шумо аз ҳар шикор ба таври назаррас паст хоҳад шуд. Оддатан 15 то 30% нархи умумии шикор аз тарафи агент(миёнарав) ҳамчун коммиссия гирифта мешавад. Вазифаи аввалдараҷа ёфтани оҷонсие мебошад, ки мехоҳад бо шумо ҳамкорӣ намояд.

Бо ширкат/оҷонсиҳои байналмилалии шикор чӣ гуна робита барқарор карда мешавад

- ба воситаи робитаҳои хусусӣ
- ба воситаи фиристодани маълумотнома дар бораи ташкилоти шумо
- ба воситаи иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ (дар намоишгоҳҳо дар аввал ҳамчун меҳмон иштирок кунед ва кӯшиш намоед то робита барқарор кунед, якчанд маълумотнома гиред ва ғайра).

Бо оҷонсиҳои байналмилалии шикор чӣ гуна шартнома баста мешавад

Пас аз он ки шумо бо ягон оҷонсии байналмилалии сайёҳиву шикор мувофиқат намудед бояд бо оҷонсии мазкур шартнома бандед, ки ба таври возеҳ шартҳои ҳамкорӣ ва масъулиятҳои тарафҳоро баён намояд. Аксари ширкат/оҷонсиҳои байналмилалии сайёҳиву шикор шартномаҳои муайян доранд.

**Бо менеҷерҳои чарогоҳҳои дигар ҳамкорӣ кунед! Дар ниҳоят ҳамкорӣ корҳоро осонтар ва аз ҷиҳати молиявӣ муфидтар хоҳад кард!**

## 3.4. Корҳое, ки шумо бояд пеш аз расидани мизоҷатон(он) анҷом диҳед

**Ҳуҷҷатҳои заруриро чӣ гуна барои мизоҷи (он) худ мехаред**

**Тартиботи гирифтани раводид барои шикорчии хориҷӣ** (аз ҷумла иҷозатнома барои сафар ба ВМКБ)

Тамоми шаҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон дохил мешаванд бояд раводиди боэътибор дошта бошанд. Гарчанде раводидро метавон асосан ҳангоми расидан дар фурудгоҳи Душанбе гирифт, иҷозатномаи ВМКБро наметавон гирифт, бо мақсади пешгирӣ аз таъхир ба мизоҷон бояд тавсия дода шавад то раводиди худ аз ҷумла иҷозатномаи ВМБКро (агар муносиб бошад) пешакӣ аз сафорати Тоҷикистон, ки дар кишвари онҳо воқеъ шудааст дарёфт кунанд.

- Тартиби гирифтани раводид шояд барои шаҳрванди ҳар кишвар фарқ кунад.
- Барои раводиди сайёҳӣ дар умум даъватнома талаб карда намешавад..
- Мизоҷон бояд махсусан барои иҷозатномаи ВМБК, ки тамоми ноҳияҳоро фаро мегирад дархост кунанд.
- Ба мизоҷон бояд тавсия дода шавад мақсади сафари худро “сайёҳат” нишон диҳанд.

**Тартиби пур кардани баёнияи гумрук**

Бо сабаби он ки сайёҳоне барои шикор меоянд эҳтимоли зиёд ҳамроҳ ба кишвар силоҳи оташфишон биёранд ва бинобар ин ба мизоҷони шумо лозим меояд то варақаи баёния гумрукиро пур кунанд. Баёнияи гумруки Тоҷикистон ба ҳар сурат танҳо бо забони русӣ дастрас мебошанд. Бинобар ин мизоҷони шумо эҳтимоли зиёд наметавонанд худашон он варақаҳоро пур кунанд. Ба намояндаи шумо, ки мизоҷонро дар фурудгоҳ пешвоз мегирад эҳтимол иҷозат дода нашавад то ба толори вуруд дохил шуда дар пур кардани варақаи гумрук ба онҳо кӯмак расонад. Дар чунин ҳолат ду роҳ аст, ки метавон ба онҳо кӯмак расонид:

- Шумо метавонед ҳангоми фиристодани нусхаи иҷозатномаи силоҳ ба воситаи факс варақаи баёнияи гумруки пуркардашударо ба мизоҷи худ ба фиристед. Ӯ онро чоп карда бо ҳамрҳои худ меорад. Сипас ҳангоми вуруд ӯ он маълумотро аз варақаи мазкур дар варақаи баёнияи гумруки аслӣ мегузаронад.
- Агар мизоҷ аз хизматрасонии VIP фурудгоҳи Душанбе истифода кунад дар ин сурат тамоми ҳуҷҷатҳои лозима барои ӯпур карда мешаванд.

**Барои ворид ва содир кардани силоҳҳои шикорӣ чӣ гуна иҷозатнома гирифта мешавад**

- • Ворид ва содир кардани силоҳҳои шикорӣ аз тарафи қонун “Дар бораи силоҳ” (2013) назорат карда мешавад. Шумо бояд барои гирифтани иҷозатномаи силоҳ барои мизоҷатон(он) пешакӣ ба вазорати корҳои дохилӣ дархост пешниҳод кунед. Барои дархост ба шумо маълумоти муносиб ва нусхаи ҳуҷҷатҳои мизоҷ лозим аст. Дар ҳоли ҳозир маблағи муқаррааргардида барои иҷҷозатнома 80 сомонӣ мебошад. Шумо бояд нусхаи иҷозатномаро ба мизоҷ тавассути почтаи электронӣ/факс
- фиристед. Он шахсе, ки мизоҷро дар фурудгоҳ пешвоз мегирад бояд иҷозатномаи аслиро ҳамроҳ дошта бошад, зеро шояд онро талаб намоянд.

Барои дархост ба шумо лозим аст ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоед

- Оинномаи ташкилот
- Иҷозатномаи шикор бо номи мизоҷ ва тамоми маълумоти муносиб
- Нусхаи шиносномаи мизоҷ
- Нусхаи иҷозатномаи силоҳ аз кишвари мизоҷ
- Расиди маблағи пардохтшуда (80 сомонӣ)

Барои дархост варақаи муайяне вуҷуд надорад ва шумо бояд маълумоти зеринро қайд кунед:

- Номи мизоҷ
- Навъ ва рақами силоҳ, калибр, миқдори тирҳо
- Роҳе, ки силоҳ аз он бурда мешавад (барои мисол: Берлин - Душанбе - Рушон - Душанбе - Берлин)
- Таърихи вуруд
- Мӯҳлати иқомат дар Тоҷикистон

Дархост бояд 100% дуруст бошад ва ҳар гуна хато (нодуруст навиштани номи мизоҷ, рақами силоҳ ва ғайра) ҳангоми омадани мизоҷ ба мушкилоти ҷиддӣ оварда мерасонед!

**Иҷозатномаи CITES барои воридкунӣ**

Агар мизоҷ мехоҳад он навъи ҳайвонотеро, ки дар Замимаи 1 CITES ё дастурҳои ИА ё ИМА қайд шудаанд (гӯсфанди кӯҳӣ (Марко поло), морхӯр, хирси бӯр ва ғайра,...) шикор кунад бояд бо мақомоти CITES дар кишвари худ пешак дар тамос шавад то оид ба қоидаҳои воридкунии маҳсулоти ҳайвоноти шикории дар рӯйхати CITES аз Тоҷикистон огоҳ шавад. Ин қоидаҳо барои кишварҳои гуногун ва навъи ҳайвоноти гуногун фарқ мекунад. Онҳо метавонанд мавриди тағйир қарор гиранд. Агар мизоҷ шикори худро бо оҷонсии байналмилалии шикор (ба зер нигоҳ кунед) фармоиш дода бошад онҳо иҷозатномаи CITES барои воридкуниро дарёфт мекунанд.

**Иҷора додари силоҳ ба сайёҳони хориҷӣ, ки барои шикор омадаанд** (ҳадди ақали меъёр)

- Агар мизоҷ бо худ силоҳ наоварда бошад, имкон дорад, ки ӯ яке аз силоҳҳои шуморо истифода барад. Ин имкониятро пеш аз шикор аз мақомоти корҳои дохила бояд маълум карда шавад.

- Силоҳ бояд ба меъёрҳои муайян вобаста ба калибр ва нишон ҷавобгӯ бошад. Камон дар умум барои парондани бузи кӯии сибирӣ ё гӯсфанди кӯҳӣ(Маркополо) дар масофаи дур 7 mm Rem., 300 Win Mag бо дид (оптика) 3-9x ё бештар тавсия дода мешавад.
- Истифодаи масофасанҷ ба таври қатъӣ тавсия дода мешавад

## Пешниҳод намудани маводи иттилоотии кофӣ барои оҷонсӣ/мизоҷ

- маълумот оид ба шароити шикор аз ҷумла миқдори рӯзҳои шикор, масофа ва вақт то шикоргоҳ, роҳи тахминӣ ва вазъияти обу ҳаво, топографияи маҳаллӣ, ҷои иқомат ва хӯрок, роҳнамоҳо, андозаҳои ҳайвони шикории дар назардошта шуда, масофаи тир задан ва ғайра бояд ба мизоҷони эҳтимолӣ пешакӣ ва дуруст пешниҳод карда шаванд. Дар ғайри ин ба норизоятӣ ва дилсарди мизоҷатон оварда мерасонад, ки ба таври манфӣ ба фаъолияти шумо таъсир мерасонад. Мизоҷи хурсанд барои рушди фаъолияти шумо бисёр муҳим мебошад!
- Махсусан агар шикоргоҳи шумо дар баландии 300 м аз сатҳи баҳр воқеъ шуда бошад бояд ба таври возеҳ ишора намоед, ки сафари шикорӣ танҳо бояд аз тарафи шикорчиёни ҷисман қавӣ ва хуб омодашуда сурат мегирад. Вазъияти саломатӣ ба мисли фишори баланд ва ғайра шикорчиро ба мушкилот рӯ ба рӯ сохта дар минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ барои ӯ хавфи ҷиддӣ ба бор меорад.
- Рӯйхати бастабандӣ аз ҷумла либосҳои муносиб ва дигар воситаҳои лозим

**Ҳамроҳи худ чӣ бояд овард:**

Силоҳ (7 мм Rem. Mag., 300 Win. Mag., 300 Weath. Mag) бо оптика, далномер (масофасанҷ), дурбин, кафши муносиб барои кӯҳгарди, либоси зидди борону бод, пероҳани гарм, айнаки офтобӣ ва лосьон (оби косметикӣ) халтаи хоб (дору барои бемориҳо дар баланди агар шикор дар баландии бештар аз 300м аз сатҳи баҳр сурат гирад).

**Чӣ гуна бояд омода шуд:**

Дар баъзе ҳолатҳо маҳорати аспсаворӣ шояд лозим шавад. Ба мизоҷон тавсия дода мешавад, ки дарсҳои аспсавориро омӯзанд.

## Таъмин намудан бо тарҷумон

- Боварӣ ҳосил кунед то барвақттар тарҷумони ботаҷриба пайдо кунед, ки дар давоми мӯҳлати шикор дастрас бошад.
- Тарҷумон бояд сиҳатманд бошад то битавонад ба шароити сахти кӯҳистон ва ҳолати сахти шикор тобовар бошад.
- Аз ҳама муҳим ин аст, ки роҳнамоҳои шумо бояд маҳорати гап задани забони англисиро дар сатҳи ибтидоӣ дошта бошанд, зеро дар вақти шикор ягон шахси иловагӣ метавонад муваффақияти шикорро ба хатар андозад.
- Дар сурати бо ягон сабаб ҳозир нашудани тарҷумон бояд тарҷумони иловагиро ба назар гиред

- Агар шумо тарҷумоне, ки ба таври равон бо забони модарии мизоҷ ҳарф зада натавонад пайдо накунед тарҷумони забони англисӣ кофӣ мебошад. Донишҷӯи филология ё дигар бахшҳои вобаста ба забонро метавонед ҳамчун тарҷумон ба кор гиред.
- Тарҷумонҳое, ки дар заминаи шикор аз қабл таҷриба дошта бошанд дар авлавият қарор мегиранд.

**Роҳнамоҳо барои шикор, ки дониши лозими забони англисӣ доранд ҳоҷҷати шумо барои ба кор гирифтани тарҷумонҳои берунаро бароварда месозанд. Дар ин ҳолат он шахсе, ки мизоҷро дар фурудгоҳ истиқбол ва гусел мекунанд агар имкон дошта бошад ронанда ҳам бояд англисӣ сӯҳбат кунанд!**

**Шумо метавонед дар маводи иттилоотие, ки ба мизоҷ пешниҳод мекунед рӯйхати калимаҳои русӣ аз ҷумла ибораҳои асосӣ барои истифодаи ҳаррӯза ва инчунин истилоҳоти вобаста ба шикорро дохил намоед.**

### Таъмин намудан бо мошин

- Шумо бояд ронандани ботаҷрибаи мошини 4x4 (ҷип) фароҳам созед. Дар мошин бояд балони иловагӣ ва қутичаи ёрии аввал мавҷуд бошад.
- Мусофирони иловагӣ танҳо дар ҳолате савор карда мешавад агар мизоҷ розӣ шавад!



## 3.5. Корҳое, ки шумо пас аз омадани мизоҷ (он) бояд анҷом диҳед

### Гирифтани мизоҷ аз фурудгоҳ

- **Сари вақт ҳозир шавед!** – дар рӯзи омадани мизоҷ (он) боварӣ ҳосил кунед, якҷоя бо тарҷумон пеш аз вақт дар фурудгоҳ ҳозир мешавед. Тавсия дода мешавад, ки якчанд соат пеш аз ҷадвали фуруд омадани ҳавопаймо ба фурудгоҳ занг занед то дар бораи таъхири парвоз ё пеш аз вақт фуруд омадани ҳавопаймо маълумот ҳосил кунед. Агар мизоҷ субҳ бирасад, тавсия дода мешавад, ки шумо ( ё намояндаи ташкилоти шумо) як рӯз пеш дар Душанбе ҳозир шавед.
- Ба мизоҷон тавсия дода мешавад то **аз хизматрасонии** VIP фурудгоҳ истифода баранд. Ин хизматрасонӣбояд пешакӣ ҳангоми резерв кардани парвоз резерв(фармоиш) шавад
- Он шахсе, ки мизоҷро истиқбол мекунад бояд бо тартиботи гумрук вобаста ба ворид кардани силоҳ шинос бошад ва бояд ҳамроҳ иҷозатномаи аслии ҳамли силоҳро бо худ дошта бошад.
- Шумо бояд як нишона бо номи мизоҷ (он)ро омода кунед то шинохти онҳо осонтар гардад.
- Шумо бояд ба мизоҷон барои ёфтани ҷой дар меҳмонхона дар Душанбе барои як шаб (ҳо) пеш аз ҳаракати онҳо кӯмак расонед.



### Интиқол ба шикоргоҳ

- Боварӣ ҳосил кунед, ки мошин дар ҳолати хуб қарор дорад!
- Мизоҷатонро дар бораи давомнокии сафар огоҳ кунед!
- Ба мизоҷатон имконияти мубодилаи асъор ва харидани нушоба ё хуроки сабук барои сафари дароз фароҳам созед.

### Таъмини хӯрока ва манзили иқомат барои меҳмонони хориҷӣ

- Таъмини хона барои зист: Дар деҳаатон мизоҷон бояд ё дар хонаи мардумони маҳаллӣ ё дар меҳмонсаро (агар бошад) ҷой дода шаванд. Гарчанде шикорчиён дар умум чизи зиёд талаб намекунанд, утоқҳо бояд тоза ва бо ҳоҷҷатхона ва ҷои шустушуй таъмин бошанд.
- Агар шикоргоҳ аз деҳа дур воқеъ шуда бошад бояд дар наздикии он қароргоҳ барои шикорро ташкил намоед. Ҷои зист дар қароргоҳ метавонад кабина, хайма ё юрт бошад.
- Кӯшиш намоед то якчанд намуди хӯрок пешниҳод намоед. Нӯшобаҳои спиртӣ оддатан дар рӯйхат дохил карда намешаванд ва бояд барои он иловагӣ пардохт намуд.

### Гузаронидани тирпаронии санҷишӣ

Мизоҷшояд бо тир задан аз масофаи дур шинос набошад ва шояд он барои тир андохтан ба сӯи бузи кӯҳии сибирӣ ё гӯсфанди кӯҳӣ(МаркоПоло) муҳим бошад. Ба таври қатъӣ тавсия карда мешавад, ки ӯ пеш аз рафтан ба шикори ҳақиқӣ барои санҷиш якчанд маротиб аз силоҳаш тирандозӣ кунад.

Тирандозии санҷишӣ бояд масофаи тиррас яъне 200, 300 ва 400м-ро дар бар гирад. (Ин тирандозии санҷишӣ албатта хеле муҳим мебошанд агар шикорчӣ силоҳи худро наоварда бошад).




## 3.6. Гузаронидани шикор

**Пешниҳод кардани роҳнамоии дуруст ва имкониятҳо дар шикоргоҳ:**

- Роҳнамои шикорчӣ бояд пешакӣ макони баргузории шикори ҳайвоноти шикориро пеш аз омадани сайёҳон барои шикор муайян кунад. Роҳнамоҳо бояд дар муайян кардани ҳайвоноти шикорӣ дар алоҳидагӣтаҷрибаи хубе дошта бошанд ва ба шикорчӣ ҳайвони интихобшударо ба таври возеҳ нишон диҳад.
- Мӯҳлати оддии сафари шикорӣ аз навъи ҳайвоноти шикорӣ вобаста мебошад. Шикори бузи кӯҳии сибирӣ, гӯсфанди кӯҳӣ(Марко Поло) ва морхӯр оддатан тақрибан 10-12 рӯз (тақрибан 8 рӯзи шикор) давом мекунад ва барои хуки ваҳшӣ як ҳафта (4-5 рӯзи шикор) кофӣ мебошад.
- Имкониятҳо барои шикор дурбин ё дурбини рӯи сепоя ва инчунин шумораи кофии ҳайвонот барои интиқолдиҳӣ (аспҳо, харҳо).
- **Ёрии аввал/ёрии таъҷилӣ:** Ҳадди ақал сандуқчаи ёрии аввал бояд дар қароргоҳи шикор мавҷуд бошад. Барои мисол шикорчиёни хориҷӣ шояд дар муҳити бисёр баланди кӯҳӣ роҳ нагашта бошанд ё аспсаворӣ накарда бошад ва аз ин рӯ шояд ягон ҳодисае руй диҳад ва шумо бояд барои ин омода бошед!



**Мушкилотеро, ки руй медиҳанд чӣ гуна бояд ҳал кунед:** агар дар ҷараёни шикор ё пас аз шикор мушкилот ё ихтилофе сар зад шумо бояд ором ва касбӣ бошед! Тамоми масъалаҳои марбут бояд мувофиқи шартномае, ки бо мизоҷ ё оҷонсии шикор бастаед бо як равиши муайян ҳал карда шаванд то аз ихтилофот пешгирӣ карда шавад. Зиёд тавсия дода мешавад то протоколҳои шикорро, ки тамоми ҳайвонҳои ваҳшии мушоҳидашуда, масофа, кӯшишҳои паронданд ва тирзанӣбояд қайд карда шаванд. Аз камера зумдори калон барои мушоҳидаи ҳайвони шикорӣ истифода баред.

**Дар сурати норозигӣ бо ҳаҷми ҳайвони шикорӣ чӣ бояд кард:** Чунин ҳолате шояд сурат гирад, ки мизоҷ бо ҳаҷми ҳайвони шикор, ки ба ҳадаф расонидааст розӣ набошад. Ӯ шояд аз шумо талаб кунад, ки як ҳайвони шикории бузургтареро бо додани пора ё ҳатто ройгон ба ҳадаф гирад. Шумо бояд исрор варзед, ки ин имкон надорад зеро танҳо бо як иҷозатнома танҳо як ҳайвони шикорӣ иҷозат дода шудааст. Дар сурате, ки шумо барои ҳайвони шикории дуюм аз навъи якум иҷозатнома дошта бошед нархномаро нишон диҳед (ки он нархҳо барои ҳайвоноти иловагиро, ки дар ҳар як сафари шикорӣ шикор карда мешавад дар бар гирад).

**Бо мизоҷони мушкил ва номуносиб чӣ гуна бояд рафтор намуд:** Шикорчиёни хориҷӣ баъзе вақтҳо бисёр солхӯрда мебошанд ва дар баландиҳо ва мавзеъҳои кӯҳӣ роҳ нарафтанд. Дар варақаҳои иттилоотии худ бояд оид ба табиати тоқатфарсои шикор қайд намоед ва равшан арз кунед, ки аз ҷумлаи шартҳои пешакии сафари шикор ин сиҳати комил ва ҳолати хуби ҷисми мизоҷ мебошад. Агар муайян гардад, ки мизоҷ ба ҳар ҳол тавонии анҷом додани шикори банақшагирифтаро надошта бошад шумо бояд нақшаи дигар (нақшаи Б) барои роҳи осонтари шикорро дошта бошед. Барои мисол шумо метавонед дар наздикии ҷои намаксанг ё пайраҳаи ҳайвонгузар як паногоҳ бисозед, ки мизоҷ битавонад дар он пинҳон шуда мунтазири расидани ҳайвони шикорӣ шавад.

Дар мавсими ҷуфтшавӣ дар умум шикори ҳайвоноти шикории нар осонтар хоҳад буд зеро онҳо ошуфта буда ва ба доманакӯҳҳо меоянд. Шикор дар ин мавсим шояд барои одамони солхӯрда ё мизоҷони заиф муносибтар хоҳад буд.

Шикор аз мошин, чархбол ва мошини барфпаймо ғайриқонунӣ буда набояд анҷом дода шавад!

**Риояи талаботи ахлоқӣ вобаста ба шикор мизоҷони шумо:** (муомилаи ҳайвоноти захмӣ, ва ғайра)

- Бо сабаби эҳтимоли бетаҷрибагии мизоҷон бо шикор дар шароити кӯҳӣ (аз масофаи дур тир андохтан,бетаҷрибагӣ дар тахминкунии масофаҳо, мондашавӣ бо сабаби баланд баромадан ва ошкоркунӣ, имкониятҳои кам барои пинҳон шудан ва ғайра) захмӣ кардани ҳайвони мавриди ҳадаф ҳар сари чанд вақт шояд сурат гирад. Ҳайвонҳои захирой бояд роҳнамоҳои шумо ҷустуҷӯ кунанд. Агар ҳайвон захмӣ шуда бошад ба мизоҷ иҷозат дода намешавад ки ба ҳайвони дуюм тир занад, ҳатто агар ҳайвони захмӣпайдо нашавад.



**Бинбар ин аз тирандозӣаз масофаи бештар аз 300м бояд ба таври қатъӣ худдорӣ карда шавад. Тирандозӣ аз масофаи бештар аз 300м шояд бо меъёрҳои асосии ахлоқии мизоҷатон мухолифат мекунад!**

- Шикорчиёни хориҷӣ махсусан агар ҳайвоноти ваҳшӣ ҳар чӣ тезтар кушта нашавад шояд ҳамчун инсон дар ҳарос афтода азият шаванд.
- Гузоштани хуки ҷангалии шикоршуда дар саҳро пас аз берун кашида гирифтани ашкҳои он инчунин дар умум аз рӯи ахлоқ ғайри қобили қабул аст. Агар мумкин бошад, гӯшти онҳоро бояд истифода бурд шавад. Агар ин ӯғайриимкон бошад сабабҳои онро ба мизоҷбаён кунед ва қайд намоед, ки ҷонварони лошахур ба мисли гурҳо, хирсҳо ва каркасҳо лошаро дар муддати кӯттоҳ хоҳанд хурд.

**Шикорчии боахлоқ он шахсе мебошад, ки қонунро риоя намуда он чизҳое, ки барои он ҳақ надорад намегирад, ва танҳо онеро, ки метавонад истифода барад шикор мекунад ва мекушад ва ба он ҳайвоне, ки ӯро шикор мекунад раҳм мекунад, рафиқашро эҳтиром мекунад, табиатро дӯст медорад, ки аз эҳтироми рафиқони шикорчиаш, кӯмаккунандагон ҳатто аз онҳое ҳеч таваҷҷуҳе ба шикор надоранд бархурдор аст.**

## 3.7. Пас аз шикори бомуваффаққият

**Ҳуҷҷатгузории шикор**

Шумо бояд ҳар ҳолати шикори мизоҷони хориҷӣ ё шикорчиёни маҳаллиро қайд намоед. Чӣ гуна анҷом додани ин корро дар Қисмати 4 Дастурамали Мониторинг пайдо кунед. Ба таври қатъӣ тавсия дода мешавад, ки тамоми кӯшишҳои шикори номуваффақ ба қайд гирифта шаванд.



Дар мавриди шикори ҳайвони шикорӣ протоколи шикор аз тарафи қонун талаб карда мешавад. Протоколи шикорро метавон дар пушти иҷозатномаи шикор ёфт. Илова бар ин, шумо бояд маълумот оид ба натиҷаҳои шикорро дар ҳисоботи солона илова намоед, ки он бояд ба Агентии хоҷагии ҷангал пешниҳод карда мешавад. Баъзе аз оҷонсиҳои шикор бо вуҷуди ин аз шумо талаб мекунанд то протоколи шикорро таҳия кунед ё мизоҷ протоколи шикорро пур мекунад (оддатан оҷонсӣ варақаи протоколро пешниҳод мекунад), ки дар асоси он шумо пардохти ниҳоиро дарёфт мекунед.

**Шумо бояд маълумоти зеринро бақайд гиред:**

- Рақам ва таърихи судури иҷозатнома
- Вақт ва мӯҳлати шикор (миқдори рӯзҳое, ки дар шикор гузаронида шуд то гирифтани маҳсулоти шикор)
- Минтақае, ки ҷустуҷӯ шуд ва макони аниқи шикори ҳайвон (агар имкон бошад аз рӯи кординатҳои GPS)
- Навъи ҳайвоноти шикорӣ, ҷинс, сол, шароите, ки ҳайвон шикор карда мешавад

- Ҳаҷми ҳайвони шикорӣ мувофиқи системаи CIC (варақаи CIC барои гӯсфанд ва бузи ваҳшӣ мавҷуд аст, Дастурамали мониторинг)

Барои навъи ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх қайд шудаанд, нозири давлатӣ бояд дар шикор иштирок кунад, ки ӯ инчунин омода кардани ҳуҷҷатҳоро аз назар мегузаронад.

**Чизҳои дигаре, ки шумо бояд қайд намоед:**

- тамоми кӯшишҳои номуваффақи шикор, аз ҷумла ҳайвоноти захмие, ки онро наёфтанд.
- дигар ҳолатҳои шикор: номи пурраи роҳнамо,маҳалле, ки ҳайвон шикор шуд, таркиби гурӯҳе, ки ҳайвон аз он шикор шуд.
- тамоми ҳолатҳои шикори ғайриқонунӣ аз ҷумла ҷинс ва синни тахминии ҳайвоноти ғайриқонунӣ
- шикоршуда.

**Барчасп / Ҷудокунии ҳайвони шикоршуда**

Навъи ҳайвоноти сумдор ва дигар навъи ҳайвоноти дар Китоби сурх қайдшуда бояд аз тарафи намояндаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист ё Агентии хоҷагии ҷангал санҷида ва тамға (бирк, микрочип, доғ ва ҳалқа) зада шаванд. Намоянда барчаспро ҳамроҳ меорад. То ба ҳол ин кор амалӣ нашудааст, аммо шумо ҳангоми дархост кардан барои иҷозатнома дар бораи ин бипурсед.

## Омода кардани ҳайвони шикоршуда (трофей)

Масъулияти шумо аст то ҳайвони шикоршударо (трофей) барои интиқол ва коркарди иловагӣ аз тарафи пусторо(таксидермист) омода намоед. Ҳангоми коркард ва омода кардани ҳайвони шикоршуда (трофей) шумо бояд бодиққат бошед ва трофейи тоза ва пурраро супоред.



Агар мизоҷбихоҳад, ки танҳо каллаи ҳайвони шикоршударо бигирад шумо бояд шохҳоро боэҳтиёт ҷудо кунед, бодиққат калларо дар об ҷӯшонда ва онро бо истифода аз пероксиди 30% тоза кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки дар устухони сар ҳеч гӯште боқӣ намондааст.

Агар мизоҷ бихоҳад, ки пӯсти ҳайвони шикоршудаашро бигирад то дар кишвари худаш пӯсторо (таксидермист) аз он трофей тайёр кунад бояд бодиққат пӯстро бо намак омода кунед.

Ҳаминтавр дар пӯст набояд ҳеч гӯште боқӣ бимонад. Бисёр муҳим аст, ки шумо пӯсти кофиро боқӣгузоред то пӯсторо(таксидермист) бо он кор кунад!

**Тартиби пӯст кардани ҳайвони шикорӣбарои трофей**



**(Буриши якум)**

Бо корди тез пӯсти ҳайвонро баъди китф тақрибан дар миёни қафаси сина қариб 1 фут (30см) дар қафои пойҳои пеш гирдогирд ҷудо созед.



**(Буриши дуюм)**

Сипас пӯстро дар гирди пойҳо аз ҳарду зону боло бибуред.



**(Буриши сеюм)**

Аз қисмати поёнии ҳар як пой ду буриши қаблиро идома диҳед.



**(Буриши чорум)**

Ҳоло пӯстро ба боло то гӯшҳо ва қисмати поёни ҷоғ то наздики сар/пайванди гардан ҷудо кунед. Тақрибани гарданро то 3 инч(8см) поён аз ин пайванд бибуред ва гирдогирд гарданро то устухони сутунмӯҳра бибуред.

Пӯст кардани сар аз ҳама қисмати асосӣ ва мушкил мебошад. Шарҳ додани ин мушкил аст ва он танҳо бояд аз тарафи шахси ботаҷриба анҷом дода шавад. Махсусан кори бинии нозук, даҳон, чашмон ва гӯшҳо бояд бо диққати зиёд сурат бигирад, чунки онҳо барои сохтани як трофейи босифат муҳим мебошанд. Шумо бояд амалҳои дар боло зикршударо бояд ҳангоми куштани буз ё гӯсфанди хонагӣ ба таври амалӣ машқ кунед. Кӯшиш кунед то кори анҷомдодаатонро ба ягон шахси мутахассис нишон диҳед!

Барои намак задан пӯсти ҳайвони шикорӣ дар ҷои ҳамвор тарафи мӯйдорро ба поён карда ва паҳн кардани пӯстро идома диҳед ё ёзонидани пӯст дар арз танҳо бояд сурат бигирад зеро дар дарозӣ

онро ҳарвақт метавон анҷом дод. Барои ин кор аз намаки хуб ба мисли намаки ошӣ истифода баред. Намакро фаровонтар истифода бурда пӯст ва рӯи онро пӯшонед. Дар шикофҳои бинӣ ва чашмон дар берун ва инчунин аз дарун намаки иловагӣ илова кунед.

Пас аз якчанд рӯз ҳадди ақал як бор намакро иваз кунед.

Вақте, ки ҳайвони шикориро пӯст мекунед ҳечгоҳ ба сина ё қисмати гардан ҷудо накунед. Агар хун дар пӯсте, ки ҷудо карда мешавад бирасад ҳар чи зудтар онро бо барф ё бо об бишӯед. Ҳайвони шикоршударо инчунин берун аз ҷангал бо ресмон накашед. Онро дар болои чана ё тахтае, ки чор балонча дорад гузоред. Ресмон, сангҳо ё шохаҳо бо осонӣ метавонанд мӯйҳоро осеб расонида пӯстро шикоф кунанд. Агар ба шумо лозим ояд ки онро бо ресмон кашед ресмонро ба шохи ҳайвон баста ва онро боэҳтиёт бикашед. Ҳеч гоҳ пӯст ё сари ҳайвонро беназорат намонед. Бисёре аз ҳайвоноти даранда на танҳо пӯстро мегиранд балки онро аз байн мебаранд.

**ДАР ЁД ДОШТА БОШ, АЗ ИН КИ ПӮСТИ КОФӢ НАДОШТА БОШӢ БИСЁР ДОШТАНИ ОН БЕҲТАР АСТ!**

**Интиқоли маҳсулоти ҳайвоноти шикорӣ (трофей)**

- Маҳсулоти ҳайвони шикориро (трофей) барои интиқол дуруст печонида бастабандӣ кунед.
- Шумо бояд маҳсулоти шикорро то вақти ҳосил кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар ҷои бехатар нигоҳ доред.
- Маҳсулоти шикорро бояд тавассути ширкати байналмилалии бақайдгирифташуда (мисли DHL) интиқол диҳад.
- Барои воридоти ғанимати шикорӣ ба кишварҳои узви ИА ва кишварҳои шарики он (ба мисли Швейтсария) талаботи муайяни тарзи амал бояд дар гувоҳномаи байтории ИА (Замимаи 5 дар диск (СД)) нишон дода шавад ва содиркунандаи нишондодашуда бояд ҳамчун содиркунандаи ғанимати шикорӣ дар системаи Назорати фурӯш ва коршиносии ИА (TRACES) ба қайд гирифта шавад.

## Ҳуҷҷатҳои зарурие, ки бояд дарёфт карда шаванд

### Расмиёт барои содир кардани маҳсулоти шикор

Барои тамоми маҳсулоти шикор ба шумо лозим аст то сертификати байториро дарёфт кунед. Барои маҳсулоти шикор аз навъи ҳайвоноте, ки дар Китоби сурх қайд шудаанд ба шумо лозим аст иловагӣ иҷозатномаи **CITES**-ро ҳосил кунед.

### Сертификати байторӣ оид ба интиқоли маҳсулоти шикорӣ гуна гирифта мешавад

Аввал ба шумо лозим аст аз **хадамоти байтории ноҳия ё вилоят** сертификати байторӣ бигиред. Дар Душанбе ба шумо лозим аст, ки ба хадамоти давлатии назорати байторӣ барои гирифтани иҷозатнома барои интиқоли маҳсулоти шикор дархост пешниҳод кунед. Барои содирот ба ИА башумо лозим аст, ки сертификати бойтории ИА дар онмаълумоти бақайдгирифташуда дар дар системаи Назорати фурӯш ва коршиносии ИА (TRACES), ки дар банди "I.1. Фиристанда" нишон дода шавад. Барои ин дар амал шумо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунед:

- дархост аз тарафи ширкати шикорӣ (барои ин варақаи махсус вуҷуд надорад)
- нусхаи иҷозатнома
- сертификати байторӣ аз хадамоти давлатии назорати байтории вилоят
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба қайдгирии ташкилоти шумо

Вақте шумо иҷозатномаи худ барои интиқоли маҳсулоти шикорро дарёфт намудед метавонед сертификати байтории байналмилалиро аз раёсати назорати байторӣ дар марз гиред. Дубора ба шумо лозим аст, ки ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунед:

- сертификати байторӣ аз хадамоти давлатии назорати байтории вилоят
- иҷозатнома барои интиқоли маҳсулоти шикор
- нусхаи иҷозатнома барои шикор

Агар мизоҷ маҳсулоти шикорро бо худ барад, шумо бояд сертификати байторӣ гирифта онро дар мақомоти назоратии фурудгоҳ нишон диҳед. Агар маҳсулоти шикорӣ дар таърихи дертар интиқол дода шавад сертификат бояд ба ширкати интиқолдиҳанда (DHL) супорида мешавад.

барои интиқоли маҳсулоти шикории гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло), морхӯр, хирси бӯр ва гург ба шумо лозим аст иҷозатномаи **CITES**-ро, ки аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зист дода мешавад дарёфт намоед. Тартибот шояд барои кишварҳои гуногун ва навъи ҳайвоноти гуногун фарқ кунад (вобаста аст агар навъи ҳайвонот дар рӯйхати замимаи I ё II CITES қайд шуда бошанд). Азбаски тартибот тағйир меёбанд шумо бояд ба таври мунтазам аз Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар ин бора маълумот дарёфт намоед. Ҳоло шумо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоед:

- мизоҷё оҷонсии байналмилалии шикор бояд пеш аз фиристодани ғанимати шикорӣ аз мақомоти CITES дар кишваре, ки маҳсулоти шикор ба он содир карда мешавад иҷозатномаи пешакӣ дарёфт намоянд. Ин ҳуҷҷат мустақиман бояд ба Кумитаи ҳифзи муҳити зист фиристода шавад.
- Агар ин иҷозат дода шавад, шумо пас аз шикори бомуваффақият барои гирифтани иҷозатнома барои интиқоли маҳсулоти шикор дархост пешниҳод кунед. Маблағи иҷозатномаи мазкур дар айни замон 120 сомониро ташкил медиҳад.

# Қисмати 4

## Экотуризм

Илова бар ташкил кардани шикори ҳайвоноти шикорӣ, инчунин кӯшиш намоед то сайёҳонро ҷалб намуда дар минтақаи худатон экотуризмро рушд диҳед. Шикор ва экотуризм дар умум мувофиқ ба назар нарасанд аммо шикорчиён, ки бештар дар фасли зимистон ва сайёҳон дар умум дар моҳҳои тобистон ташриф меоваранд, ки мушкиле эҷод намекунад. Роҳи хуби шурӯъ кардани фаъолиятҳои сайёҳӣ барқарор кардани ҳамкорӣ бо оҷонсиҳо ё ташкилотҳои сайёҳӣ ба мисли Ассотсиатсияи сайёҳиву экологиву фарҳангии Помир (РЕСТА), ки ТҒД маҳаллии мавҷудбуда, ки ба ҳифзи ҳайфвоноти ваҳшӣ машғуланд аъзо буда ва аз тариқи онҳо пешниҳоди экотуризми онҳоро ба бозор арза медоранд. Аввал шумо бояд дар бораи саволҳои зерин фикр кунед:

### Сайёҳонро чи бештар ҷалб мекунад?

- **Табиат:** тамошои олами ҳайвоноти ваҳшӣ, фото сафарӣ, гашт, пиёдагардӣ, кӯҳбарой, асп ё қуттоссаворӣ, сайёҳати велосипедсаворӣ ва дучархасаворӣ, ва шино дар дарёи кухӣ (рафтинг), варзиш бо қаиқ
- **Фарҳанги маҳаллӣ:** расму анъанаҳо, тарзи ҳаёт, фолклор (мусиқӣ, рақс, достонҳо, либоси миллӣ, ҳунарҳои дастӣ)
- **Таърих:** маконҳои бостоншиносӣ, сангнигораҳо, мақбараҳо ва ғайра.

### Шумо чӣ метавонед пешниҳод кунед?

- Оё ягон роҳҳои кӯҳӣ, ҷойҳои таърихӣ, манзараҳои ҷаззоб (қуллаҳои машҳур, пиряххо, обҳои гарм ва ғайра) ё мавқеяти муносиб наздик ба шикоргоҳи шумо вуҷуд дорад?
- **Дастрасӣ:** Сайёҳон чӣ гуна метавонанд ба он минтақа биравaнд? Деҳаи шумо аз роҳи асосӣ чӣ кадар дур аст? Ёфтани деҳаи шумо чӣқадар мушкил аст?

### Зерсохтор барои сайёҳон

- **Меҳмонсаро ё хона барои иқомат:** Шумо бояд барои таъмин намудани сайёҳон бо манзил барои як ё якчанд шаб аз тамоми имкониятҳои худ истифода баред. Дар деҳаи шумо бояд меҳмонсаро ё хонаи алоҳида(меҳмонхона дар хонаи оила) барои сайёҳон мавҷуд бошад. Меҳмонхонаҳо бояд бо ҳоҷҷатхона ва ҷои шустушӯ таъмин бошанд. Утоққои зист бояд тоза бошад!
- Шумо бояд битавонед дар чошт ва шом хуроки гарм ва субҳонаи оддӣ пешниҳод кунед. Имконияти таъмини хӯроки сабзиҷотӣ дар сурати талаб кардан бояд ба назар гирифта шавад.

Соҳибони меҳмонсаро ё меҳмонхонаи оилавӣ маълумоти асосии забони англисиро дошта бошанд то битавонанд бо меҳмонҳояшон сӯҳбат кунанд.

- **Роҳнамоҳо:** Роҳнамоҳо бояд мавҷуд бошанд то ҳангоми гашт сайёҳонро ҳамроҳӣ кунанд. Онҳо бояд дар бораи макон, ҳайвоноти ваҳшӣ ва растаниҳо, дар бораи таърихи минтақа ва расму анъанаҳои мардуми он маълумот дошта бошанд. Доштани маълумоти асосии забони англисӣ зарур мебошад.
- **Нақлиёт:** Агар аспҳо ё қутосҳо дошта бошед шумо метавонед барои гашт барномаи саворӣ ташкил намоед. Харҳо (ё қутосҳо) барои бардоштани борҳои вазнин ҳангоми гашт бояд дастрас бошанд. Мошинҳое, ки барои расидани ба ҷойҳои дуртар ё овардани сайёҳон ба шаҳраки дигар кироя гирифта мешаванд бартарии зиёд доранд.
- **Гурӯҳҳои фолклорӣ:** Агар дар деҳаатон сарояндаҳо ва раққосаҳои боистеъдод дошта бошед бояд як гуруҳи фолклорӣ ташкил намоед, ки дар бегоҳиҳо барои сайёҳон барномаи тафреҳӣ пешниҳод кунанд.

### Таҳияи нархнома ва стратегияи маркетинг

- Шумо бояд барои тамоми хизматрасониҳое, ки пешниҳод мекунед як нархномаи возеҳ ва шаффоф таҳия кунед. Дар он бояд нархи манзил ва хӯрок, маблағи рӯзона барои роҳнамо ва ғайраро дар бар гирад.

  Барои аспҳо ва харҳо бояд нарх барои рӯз ё соат муқаррар кунед. Барои корояи мошин бояд барои ҳар як километр нарх гузоред. Нархнома бояд дар ҷои намоён дар меҳмонсаро ё меҳмонхона гузошта шавад ё ҳангоми дархост шудан аз тарафи сайёҳон бояд дастрас бошад.

**Фаъолиятҳои таблиғотӣ (реклама) - Чӣ гуна шумо метавонед сайёҳонро ба минтақаи худ ҷалб намоед?**

Шумо бояд гузоштани аломати роҳ ё лавҳаҳоро дар наздикии роҳ ба назар гиред то додани маълумот оид ба имкониятҳои худро барои сайёҳон таъмин намоед. Агар шумо лавҳае дошта бошед, ки самти шикоргоҳатонро нишон диҳад албатта метавонед аз он истифода баред.

Шумо бояд чоп кардани китобчаҳои роҳнамо(буклет) ва сохтани сомонаро ба назар гиред. Инро метавон дар ҳамкорӣ бо дигар ташкишотҳои дар сатҳи ҷомеа ё ширкатҳои сайёҳӣ анҷом дод.

Китобчаҳои роҳнамои ТҒД мавҷудбудабударо дар с омонаи ҳайвоноти ваҳшии Тоҷикистон аз назар гузаронед (дар замима оварда шудааст)

**Нуқтаҳои зерин ба шумо дар робита бо қадамҳои муҳим барои рушди фаъолиятҳои сайёҳӣ фикр пешниҳод мекунад:**

- Боло бурдани маҳорати гап задан бо забони англисӣ барои роҳнамо, ронандаҳо, соҳибони меҳмонсароҳо.
- Таҳияи пешниҳодоти нави сафар (яъне роҳнамои барои гашт ё турҳои аспсаворӣ).
- Пешниҳоди дархост барои грант барои рушди экотуризм.
- Ташкил кардани нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ ва тӯҳфаҳо.
- Ташкил кардани гурӯҳҳои фолклорӣ.
- Таҳияи кортҳои иттилоотӣ бо қайдҳо оид ба ҷойҳои ҷолиб, нуқтаҳои истироҳат, манзил барои зист дар шаб ва ғайра.
- Барқарор кардани ҳамкорӣ бо РЕСТА ё дигар ташклотҳо дар соҳаи экотуризм.



# Замимаи

## Замимаи 1. Намунаи варақаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор (CD)

- Қонуни шикор
- Батанзимдарории шикор (Лоиҳа)
- Дастурамалҳо оид ба идоракунии шикоргоҳҳо(лоиҳа) ва нусхаи лоиҳа нақшаи идоракуниро дар бар мегирад.
- Тартиби гузаронидани озмун ва ба шахсони ҳуқуқӣ додани ҳуқуқи пешбурди фаъолияти хоҷагии шикор дар шикоргоҳҳои муайян. (Лоиҳа)
- Тартиби додани иҷозатнома, пардохти маблағи истифодаи махсуси ҳайвоноти шикорӣ ва тақсимоти он. (Лоиҳа)
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №546 дар бораи пардохти истифодабарии захираҳои табиӣ
- Шакли меъёрии шартнома оид ба вобаста намудани шикоргоҳ.
- Санад дар бораи дастгир намудани шикорчиёни ғайриқонунӣ.
- Варақаи декларатсияи гумрукӣ.
- Ҳуҷҷати воридот/содироти силоҳ/намунаи озоди дархост.
- Варақаи баҳодиҳӣ барои шикорчиён.
- Шартнома бо шикорчиён (бо забонҳои русӣ ва англисӣ)
- Шартнома бо агентиҳои байналмиллалӣ оид ба шикор (бо забонҳои русӣ ва англисӣ).

## Замимаи 2. Рӯйхати сурғаҳои муҳим барои тамос

**Мақомоти ҳукуматӣ:**

**Агентии хоҷагии ҷангал Шӯъбаи шикор**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Бустон - 3
тел: 225 0814

**Кумитаи ҳифзи муҳити зист**
734034, ш. Душанбе, кӯчаи Шамси 5/1
тел: +992 (935) 04 95 40; +992 (372) 36 40 59
факс: +992 (372) 36 13 53
Email: kodir61@mail.ru; flora_fauna@mail.tj; muhit@hifzitabiat.tj
Торнамо: www.hifzitabiat.tj

**ВКД ҶТ**
ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 27

**ХОЗУ ВКД ҶТ**
ш. Душанбе, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 18

**Хадамоти давлатии назорати байторӣ**
734060, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи. Н. Ганҷавӣ, 379
тел: 238-08-07, 238-05-44,
факс: 221-70-68

**Институтҳои илмӣ:**

**ИНСТИТУТИ ЗООЛОГИЯ ВА ПАРАЗИТОЛОГИЯИ БА НОМИ Е.В. ПАВЛОВСКИЙ**
734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Павлова 70,
тел. (99247) 445-30-31

**Ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ТҒД):**

**Ассотсиатсияи шикорчиёни Тоҷикистон** (ш. Душанбе, куч. Академик Раджабовҳо, гузария якум, хонаи 5 ҳ.18.
Email: latifi@rumbler.ru,
mob: (+992) 935752266

**Ҷамъияти шикорчиён ва моҳигирони Тоҷикистон**
ш. Душанбе, куч. Бустон 6
тел: (+992)927704961

**Иттиҳоди ҳифзи табиат ва гуногунии биологӣ дар Тоҷикистон**
Email: nurali.wildlife@mail.ru
Tel. (+992) 934076510

**PECTA**
info@pecta.tj http://www.pecta.tj
тел.: +992 93 442 55 55

**Ташкилотҳои оид ба шикори дар сатҳи ҷомеа** (дар инҷо бисёранд!)
Ташкилотҳои муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ «Ассотсиатсияи муҳофизони табиати Тоҷикстонро» ташкил карданд. (www.tajwildlife.com, Email: info@tajwildlife.com)

ИҶ Парчам
ВМКБ, н. Рушон Ҷамоати деҳоти Бартанг деҳаи Хиджез

ИҶ Бургут
ВМКБ, н. Мурғоб Ҷамоати деҳоти Аличур деҳаи Аличур

ИҶ Ёкути Даршай
ВМКБ, н. Ишкошим
Ҷамоати деҳоти Шитхарв деҳаи Даршай

ИҶ Юз Паланг
ВМКБ, н.Ишкошим
Ҷамоати деҳоти Зонг деҳаи Зонг

**Меҳмонхонаҳо дар ш. Душанбе:**

Dushanbe Serena Hotel Абулқосим
Фирдавсӣ Душанбе 734013
+992 48 701 4000

Hyatt Regency Dushanbe Hotel Хиёбони
Исмоили Сомонӣ 26/1 Душанбе 734026
Тоҷикистон
+992 48 702 1234

Меҳмонхонаи Тоҷикистон
кӯчаи Шотемур 22
734000 Душанбе
+992 372 21 8080

Hotel Twins - Dushanbe
Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Адхамов
21 992-37-221-3300
992-37-221-4414
www.hoteltwins.tj

Меҳмонсарои Алмаз Тоҷикистон,
Душанбе Кӯчаи Мирзо Ризо, 6
+992 (93) 817 72 72
+992 (93) 525 66 66
+992 (44) 625 73 73
E-mail: info@almos.tj

Меҳмонсарои Atlas B&B Кӯчаи Мирзо Ризо #63,
Тоҷикистон, Душанбе 734013,
Тел/факс +992 37 226 46 28
Тел. моб: +992 907 74 64 44
E-mail: reservation@atlasguesthouse.com
E-mail: info@atlasguesthouse.com

## Замимаи 3. Қатъномаи мизи гирд оид ба истифодаи устувор ва муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ дар Тоҷикистон (2- 3 ноябри 2016, Душанбе, Тоҷикистон)

**Қатънома**

Намояндагони ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои давлатӣ ва илмӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои маҳаллӣ, Барномаи СММ оид ба муҳити зист, Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, Агентии Олмон барои ҳамкории байналмилалӣ, ки аз номи ҳукумати Олмон барномаҳоро амалӣ месозад, ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва инчунин гурӯҳи коршиносон ҷамъ омаданд то:

1. Вазъияти ҷории идоракунии ҳайвоноти ваҳши дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои он, хатароти ноил шудан ба истифодаи устувор ва муҳофизати он ва инчунин фоидаҳо барои мардуми маҳалиро муҳокима намоянд;

2. Роҳҳои пурзӯр кардани ҳамкорӣ дар заминаи идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони захираҳо (яъне, ширкатҳои хусусии шикор ва ташкилотҳои маҳаллӣ) ва дигар тарафҳои алоқаманди дохилӣ ва байналмилалиро муайян кунанд.

3. Фаҳмиши умумии чорчӯбаҳои танзимкунандаи гуногуни байналмилалӣ (CITES, ИА, ИМА) ва инчунин ҳамоҳангсозии қонунҳои кишварро бо талаботи аҳдномаҳои марбути байналмилалӣ, ташкил кардани омӯзиш ва нишастҳо, аз ҷумла оид ба қоидаҳо ва талаботи вобаста ба воридоту содироти ғанимати шикорӣ, ҷадвали тақсими фоида, шаффофият ва масъулиятнокии идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ, шикори устувор ва назорати онро пеш баранд.

4. Фаҳмиши умумиро дар байни тарафҳои дахлдор, ки ба идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ дар Тоҷикистон ҷалб шудаанд вобаста ба масъулиятҳо ва ӯҳдадориҳои истифодаи устувори ҳайвоноти ваҳшӣ ва саҳм гузоштан ба ҳифзи гуногунии табиат ва рушди иҷтимоиву иқтисодии мардуми маҳаллӣ пурзӯр намоянд.

**Иштирокчиёни мизи гирд:**

Аҳамияти муҳофизати дарозмуддати ҳайвоноти ваҳшӣ дар Тоҷикистон аз ҷумла навъи ҳайвоноти суннатӣ ба мисли бабри барфӣ, хирси бӯр, бузи кӯҳии сибирӣ, морхур, гӯсфанди кӯҳӣ (Марко Поло), гусфанди кӯҳии Севертсов, Гавазни бухороӣ, ғазол, гусфанди кӯҳии бухороӣ, гусфанди кӯҳии Ладах, ки барои ҳифзи гуногуии биологӣ дар тамоми дунё муҳим мебошанд эътироф намуданд;

Қайд карда шуд, ки бисёре аз навъи ҳайвоноти марбута дар рӯйхати Замимаҳои Конвенсияи навъи ҳайвоноти кӯчкунандаи табиати ваҳшӣ ва зери ташаббуси Ширхӯрони Осиёи Миёна ва дар Замимаҳои Конвенсияи савдои байнанлмилалии навъи ҳайвоноти дар маърази хатар қарордошта (СИТЕЗ) қайд шудаанд.

Саҳми истифодаи масрафии устувор( шикор ва махсусан шикори ҳайвоноти ваҳшӣва ташкилотҳои хусуси дар соҳати шикор) ва ғайри масрафии (сайёҳӣ) ҳайвоноти ваҳшӣ ба ҳифзи дарозмуддати ҷуфтсумҳои кӯҳӣ ва дигар навъи ҳайвонот ва инчунин пешниҳоди як қатори фоидаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла дастгирии мардуми деҳот дар минтақаҳои кӯҳистонро эътироф намуданд;

Робитаи қавии мардуми маҳалӣ ба муҳити зисти худ ва ҳайвоноти ваҳширо эътироф намуда, нақши онҳоро дар муҳофизат ва ҳаққи онҳоро барои гирифтани фоида аз истифодаи масрафӣ ва ғайримасрафии ҳайвоноти ваҳшӣ мувофиқи чорчӯбаи танзимкунандаи мавҷуда тасдиқ намуданд;

Пешравии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар беҳтар намудани чорчӯбаи қонунӣ ва идоракунӣ барои муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ ва шикор, аз ҷумла дохил шудан ба СИТЕЗ, пурзӯр кардани нақши илм дар қабули қарорҳо ва рушди гуфтугӯ байни тарафҳои алоқаманд дар сатҳи кишвар, ки ба идоракунӣ ва ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ ҷалб шудаанд қайд карда шуд.

Тамоми тарафҳои алоқамандро барои пурзӯр кардани муколамаи миллӣ оид ба истифодаи устувор ва ҳифзи дарозмуддати ҳайвоноти ваҳширо ташвиқ намуданд;

Аз чолишҳои оянда ба муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ ва истифодаи онҳо дар кишвар, ба мисли зарфиятҳои заифи сохторӣ, кормандон, норасоии чорчӯбаи қонунии мавҷудбуда, ҳамоҳангсозии заиф дар байни институтҳои давлатии ҷалбшуда, ҳолатҳои шикори ғайриқонунӣ ва инчунин аз байн рафтани олами набототу ҳайвонот дар натиҷаи тағйироти иқлим ва чарондани аз меъёр зиёд огоҳ намуданд.

**Ҳамин тариқ, иштирокчиёни мизи гирд:**

Иродаи худро барои фаъолияти муштарак бо мақсади беҳтар намудани танзим ва идоракунии истифодаи устувор ва ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ, ҳамчунон рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути чораҳои зерин изҳор доштанд:

**Чораҳои умумӣ:**

- Ҳифз намудани навъи ҳайвоноти асосӣ ва муҳити зисти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси донишҳои илмии мавҷудбуда оид ба ниёзҳои олами ҳайвоноти ваҳшӣ ва дар оянда илова кардани донишҳои мазкур ба дастурамалҳо ва қоидаҳои идоракунии замин;
- Таҳия намудани барномаҳо барои донишгоҳҳо ва омӯзишҳои кӯтоҳмуддат барои мутахассисони соҳаи идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳифзи онҳо то воридкунии равишҳо ва усулҳои навин дар ин соҳаро кафолат дода шавад Дар робита бо ин, имкониятҳои мавҷудаи ҳамкорӣ дар сатҳи минтақа ва байналмилалиро пайдо намоянд.
- Дастгирии тадқиқоти илмӣ вобаста ба муҳофизат ва истифодаи устувори ҳайвоноти ваҳшӣ ва муҳити он, махсусан ҷуфтсумҳои кӯҳӣ аз ҷумла паёмадҳои биологӣ ва иҷтимоиву иқтисодии он;
- Ташкил намудани ҳамкорӣ байни тарафҳои алоқаманд барои боло бурдани бозорёбии шикор ва дигар хизматрасониҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар бозори байналмилалӣ;
- Пурзӯр кардани амалисозии ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти конвенсияҳои СИТЕЗ ва СМС ва инчунин ташаббусҳои дигар;
- Чораҳои марбут ба шикор ва идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ;
- Беҳтар кардани тартиботи муайнкунии квотаи тасдиқшудаи илмӣ ва инчунин тақсими шаффофи квота дар байни тамоми истифодабарандагони захираҳо, аз ҷумла ҷудокунии квотаҳо барои шикоргоҳҳои муайян, ки тавассути натиҷаҳои мониторинг аз минтақаҳои идорашавандаи ташкилотҳо тасдиқ шудааст;
- Ҷалби мутахассисони дохилӣ ва олимони байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба мониторинги саршумори навъи ҳайвоноти ваҳшӣ;
- Беҳтар намудани ҳамкорӣ ва зарфияти мақомоти давлатии дахлдор, аз ҷумла дар сатҳи маҳал барои мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба ҳайвоноти ваҳшӣ;
- Боварӣ ҳосил намудан барои мубодилаи маълумот ва дигар иттилооти лозим дар байни тарафҳои алоқаманди дохилӣ ва байналмилалӣ;
- Гузаронидани мизи гирди навбатӣ барои санҷидани пешравӣ ва таҷдиди чораҳои афзалиятнок.

## Манбаъҳои интернетӣ

**Ташкилотҳои байналмилалӣ**

http://iucn.org/

http://iucnredlist.org/

https://www.panthera.org/

http://www.cic-wildlife.org/

http://www.wcs.org/

http://wwf.org/

**Конвенсияҳои Байналмилалӣ**

http://www.cms.int/cami/

https://cites.org/

https://www.cbd.int/

**Маълумот оид ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва ташкилотҳои шикори дар заминаи ҷомеа асосёфта**

www.wildlife-tajikistan.org

www.tajwildlife.org

**Қонунгузорӣ**

www.mmk.tj